*То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,*
*Кас набуд аз роҳи дониш бениёз.*

# Фановар

FANOVAR

Нашрияи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

2 сентябри соли 2025

№ 13-14 (231-232)

## АМРИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

1. Дар соли 2026 Озмуни ҷумҳуриявии «Шоҳномахонӣ» баргузор карда шавад.

2. Низомнома, ҳайати комиссия ва ҷоизаи Озмуни ҷумҳуриявии «Шоҳномахонӣ» тасдиқ карда шаванд (замимаҳои 1, 2 ва 3).

3. Вазоратҳои маориф ва илм, фарҳанг, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, кумитаҳои оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, кор бо ҷавонон ва варзиш, телевизион ва радио, кор бо занон ва оила, Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ҷиҳати дар сатҳи баланд доир гардидани Озмуни мазкур чораҳои зарурӣ андешанд.

4. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо иҷрои талаботи амри мазкурро таъмин намуда, ғолибони Озмун ва омӯзгоронеро, ки шогирдонашон дар даври ҷумҳуриявии Озмун барандаи ҷоизаҳо шуданд, аз ҷиҳати моддӣ ва маънавӣ ҳавасманд гардонанд.

5. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби маблағҳои фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои соли 2026 пешбинӣ гардидаанд, ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати баргузор гаштани Озмуни мазкур 2 660 000 (ду миллиону шашсаду шаст ҳазор) сомонӣ ба таври нақд ҷудо намояд.

6. Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи мақсадноки маблағи ҷудошударо таъмин карда, оид ба хароҷоти анҷомдода ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобот пешниҳод намояд.

7. Назорати иҷрои амри мазкур ба зиммаи муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон (сарпарасти соҳа) гузошта шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон**

**ш. Душанбе**
**29 августи соли 2025**
**№АП-862**

# СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА МУНОСИБАТИ РӮЗИ ДОНИШ ВА ДАРСИ СУЛҲ

**30.08.2025, ШАҲРИ ДУШАНБЕ**

**Муҳтарам кормандони соҳаи маориф!**
**Устодону омӯзгорон,**
**донишҷӯёну хонандагон ва ҳозирини гиромӣ!**

Дар арафаи соли нави таҳсил, Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ ҳамаи шумо ва махсусан, кӯдаконеро, ки бори нахуст ба остонаи мактаб қадам мегузоранд, самимона табрику таҳният мегӯям.

Мулоқоти ҳарсола бо донишҷӯёну хонандагон ва кормандони соҳаи маорифи кишвар дар Рӯзи дониш фурсати хубе фароҳам меоварад, ки мо вазъи ин соҳаи ҳаётан муҳимро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор диҳем.

Зеро маҳз дониш омили асосии рушди устувор ва пешрафти иқтисодиву иҷтимоии ҳар як давлат, инчунин, сарчашмаи муваффақият ва зиндагии осудаи ҳар як инсон мебошад.

Ниёгони хирадманду рӯзгордидаи мо донишро беҳуда «қутбнамои зиндагӣ», «чароғи равшан», «ҷавшани тан», «парчами зафармандӣ» ва «устоди беминнат» нагуфтаанд.

Дар ин бобат Фирдавсии бузург дар «Шоҳнома»-и безаволи худ чунин гуфтааст:

**Биёмӯзу бишнав зи ҳар донише,**
**Биёбӣ зи ҳар донише ромише.**

Дар замони мо, ки рушди босуръату бесобиқаи илму дониш, техникаву технологияҳо ва бахусус, зеҳни сунъӣ хусусияти барҷастаи он мебошад, донишомӯзӣ аҳаммияти аввалиндараҷа ва ҳатто ҳаётӣ пайдо кардааст.

Яъне асре, ки мо дар он кору зиндагӣ карда истодаем, асри илму дониш, кашфиёту ихтироот, техникаву технологияҳои навтарин – замони пешрафту тараққиёти миллату халқҳои босаводу донишманд ва навовару ихтироъкор мебошад.

Ба шарофати истиқлолу озодӣ, сулҳу суботи комил ва ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистони азизи мо барои илму донишомӯзии насли наврас ва ҷавонон



тамоми шароиту имкониятҳои зарурӣ муҳайё карда шудаанд.

Ҳар сол дар мамлакат садҳо муассисаи нави таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумӣ, марказҳои таҳсилоти иловагӣ, забономӯзӣ ва омӯзиши фанҳои дақиқ бунёд ва ба истифода дода мешаванд.

Таъкид менамоям, ки тамоми пешрафту дастовардҳои мо, аз ҷумла дар соҳаи маориф, ҳаёти шоиставу осоиштаи мардум, пеш аз ҳама, ба пойдории сулҳу оромӣ ва суботи сиёсӣ вобаста мебошад.

Бинобар ин, боиси қаноатмандиву ифтихор аст, ки соли нави таҳсил дар диёри маҳбуби мо бо Дарси сулҳ оғоз меёбад.

Сулҳ сари баланду қомати болои мо, бахту саодати ҳар як хонадон ва асоси пешрафти давлату миллат, аз ҷумла рушди соҳаи маориф мебошад.

Дар навбати худ, мактабу маориф василаи ҳифзу таҳкими сулҳу оромӣ ва суботи сиёсӣ дар ҷомеа ба ҳисоб меравад.

Чунонки мушоҳида мекунем, вақтҳои охир вазъи геосиёсии сайёра бо сабаби талошҳои бесобиқаи қудратҳои ҷаҳонӣ барои аз нав тақсим кардани ҷаҳон, мусаллаҳшавии бошитоб, ташкили тартиботи нави ҷаҳонӣ ва дигар равандҳои хатарнок ниҳоят мураккабу ҳассос гардида истодааст.

Дар чунин вазъият, ки амнияти ҷомеаи башарӣ ва ҳатто истиқлолу озодии кишварҳо зери хатар қарор дорад, қадру манзалати сулҳ ва аҳаммияти суботу оромӣ рӯз ба рӯз меафзояд.

Дар натиҷаи ҷангу муноқишаҳои мусаллаҳона миллионҳо нафар сокинони кишварҳои гуногун тарки Ватан карда, ҳазорҳо нафар, аз ҷумла кӯдакону наврасон ҷони худро аз даст доданд ва мутаассифона, ин вазъияти хатарнок идома дорад.

Чунин ҳолати бесарусомон таъсири манфии худро бевосита ба раванди таълиму тарбияи наслҳои наврасу ҷавон расонида, ҳоло миллионҳо нафар кӯдакон аз ҳаққи таҳсил маҳрум гардидаанд.

Дур мондан аз таълиму тарбия, дар навбати худ, боиси коста шудани андешаи сулҳхоҳона ва талош ба хотири сулҳу осоиш мегардад.

Зеро бар асари муноқишаҳои ҷаҳони муосир на танҳо инфрасохтори таълимӣ харобу валангор мегардад, балки фазои тарсу ҳароси дар натиҷаи он бавуҷудомада ба руҳияи кӯдакону наврасон зиёни калон мерасонад.

Аз ин рӯ, зарур аст, ки дар тамоми зинаҳои таълим ба масъалаи тарғиби фарҳанги сулҳофарӣ, ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ пешгирӣ кардани таблиғоти кинаву адоват, тафриқаандозӣ ва зӯроварию хушунат аҳаммияти махсус дода шавад.

Ман зимни суханрониҳои худ ҳамеша таъкид менамоям, ки мардуми мо набояд ҳаводиси солҳои 90-уми асри гузашта – ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ва оқибатҳои даҳшатноки онро фаромӯш созанд.

Балки онро ҳамчун дарси ибрати таърихӣ доим дар хотир дошта бошанд, ба қадри сулҳу субот ва ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ ҳамчун арзишҳои бузурги ҳаётӣ расанд, эҳсоси баланди ватандӯстӣ дошта бошанд, наврасону ҷавононро дар ҳамин рӯҳия тарбия намоянд ва ба хубӣ дарк намоянд, ки осоишу хушбахтӣ танҳо дар ҳамдигарфаҳмӣ ва иттиҳоду сарҷамъии миллат аст.

с. 2-3

# СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА МУНОСИБАТИ РӮЗИ ДОНИШ ВА ДАРСИ СУЛҲ

Авзои имрӯзаи ҷомеаи башарӣ ҷавонони моро водор месозад, ки андешаи сулҳу субот ва ваҳдату ҳамдигарфаҳмиро ҳамчун ҷузъи муҳимтарину ҷудоинопазири фарҳанг ва ҳувияти миллӣ қабул карда, ба хотири таҳкими ҳарчи бештари ин неъмати бебаҳо саъю талош намоянд.

Ташаббуси навбатии кишвари мо доир ба «Даҳсолаи таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда» идомаи мантиқии талошҳои сулҳхоҳонаи Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ мебошад.

Сафарбар намудани саъю талоши ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҳалли мусолиматомези мушкилоти сайёра, аз қабили мухолифатҳо, ҷангу низоъҳо, фақру нобаробарӣ ва тағйирёбии иқлим, ки ба сулҳу амнияти наслҳои оянда хатар доранд, моҳияти ташаббуси моро ташкил медиҳад.

Аз ин лиҳоз, ҳангоми Дарси сулҳ аз гузаштаи вазнин ва начандон дури халқамон ёдовар шуда, шогирдон, яъне наслҳои наврасу ҷавонро даъват бояд кард, ки ба қадри сулҳу ваҳдати миллӣ расанд ва ин сарвати бебаҳои зиндагиро, ки самараи азму талош ва фидокориву ҷоннисориҳои ҷавонмардони бонангу ор ва мардуми шарифамон мебошад, пос доранд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Чанд сол аст, ки дар кишвар раванди ислоҳоти соҳаи маориф бомаром идома дорад.

Дар ин муддат санадҳои зиёди меъёрии ҳуқуқӣ таҳия ва қабул карда шуданд.

Маблағгузорӣ ба ин соҳаи муҳим сол ба сол афзоиш дода шуд, ки ин, пеш аз ҳама, ба беҳтар гардидани шароити таҳсил, инфрасохтори соҳа ва вазъи иқтисодии омӯзгорон мусоидат карда истодааст.

Илова ба маблағҳои буҷетӣ ҳар сол ба соҳаи маориф аз ҳисоби лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ маблағҳои зиёд ҷудо карда мешаванд.

Бояд гуфт, ки дар 34 соли соҳибистиқлолӣ соҳаи маориф аз ҳисоби буҷети давлатӣ 67,4 миллиард сомонӣ ва аз ҳисоби лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ 6,2 миллиард сомонӣ, яъне дар маҷмуъ, 73,6 миллиард сомонӣ маблағгузорӣ гардидааст.

Имрӯз дар соҳаи маориф 11 лоиҳа ба маблағи 4 миллиарду 300 миллион сомонӣ татбиқ шуда истодааст.

Тайи даврони соҳибистиқлолӣ музди меҳнати кормандони соҳа давра ба давра беш аз 20 баробар зиёд карда шуд.

Бо дарназардошти мунтазам афзудани шумораи аҳолӣ ва вобаста ба ин зиёд шудани шумораи хонандагон зарур аст, ки сохтмони мактабҳо, синфхонаҳои иловагӣ ва бо таҷҳизоти таълимии замонавӣ таъмин кардани онҳо вусъат бахшида шавад.

Мо сипосгузорем, ки садҳо нафар соҳибкорони бонангу номус ва шахсони саховатпеша дар ин самт бо Ҳукумати мамлакат ҳамкории самарабахш доранд.

Мехоҳам бо қаноатмандӣ хотирнишон намоям, ки тайи даврони соҳибистиқлолӣ аз ҷониби соҳибкорони ватандӯсти кишвар ва шахсони саховатпеша ба маблағи 1 миллиарду 700 миллион сомонӣ 1435 муассисаи соҳаи маориф бо 231 ҳазор ҷойи нишаст сохта, ба истифода дода шудааст.

Соли 2025 дар қаламрави кишвар аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ сохтмони 309 муассисаи таълимӣ ва бинову синфхонаҳои иловагӣ дар назди муассисаҳои таълимӣ барои беш аз 94 ҳазор ҷойи нишаст идома дошта, то охири сол зиёда аз 200 бинои навбунёд бо тамоми шароити зарурӣ ба истифода дода мешавад.

Бо дарназардошти зиёд шудани шумораи аҳолӣ, инчунин, ба вуҷуд омадани маҳалҳои нави аҳолинишин, роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, вазоратҳои маориф ва илм, молия, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ бо ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ, соҳибкорон, шахсони саховатпеша ва аҳолӣ бояд ҷиҳати бунёду азнавсозии бинои муассисаҳои таълимӣ чораҳои зарурӣ андешанд.

**Муҳтарам аҳли маориф!**

Чунонки пайваста таъкид менамоям, Ҳукумати мамлакат ба вазъи муассисаҳои томактабӣ таваҷҷуҳи хосса дорад.

Зеро нахустин фаҳмишҳои кӯдакон дар бораи муҳит ва ашё маҳз дар ҳамин зинаи таҳсилот шакл мегиранд.

Дар баробари пешравиҳои муайян, дар ин соҳа ҳанӯз мушкилоти зиёд низ ҷой доранд, ки пеш аз ҳама, кам будани шумораи муассисаҳои томактабӣ ва кӯдакони ба таълиму тарбияи томактабӣ фарогирифташуда аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

Дар назар бояд дошт, ки афзоиши босуръати аҳолӣ талаботи ҷомеаро ба таҳсилоти томактабӣ сол ба сол афзоиш дода истодааст.

Чунин ҳолат роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, Вазорати маориф ва илм, инчунин, падару модаронро водор месозад, ки бунёди муассисаҳои томактабӣ ва таъсиси шаклҳои алтернативии фарогирӣ ба зинаи томактабиро густариш бахшида, иҷрои талаботи Стратегияи миллии рушди маорифро дар хусуси то соли 2030 ба 50 фоиз расонидани фарогирӣ ба таҳсилоти томактабӣ таъмин намоянд.

Ҳамчунин, вазоратҳои маориф ва илм, рушди иқтисод ва савдо, Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм, Маркази миллии тестӣ вазифадор карда мешаванд, ки ҷиҳати зиёд намудани ҷойҳо дар ихтисосҳои томактабии муассисаҳои таҳсилоти миёнаву олии касбӣ ва дар оянда пурра таъмин намудани муассисаҳои томактабӣ бо кадрҳои соҳибихтисос тадбирҳои судманд андешанд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Таҳсилоти миёнаи умумӣ яке аз зинаҳои муҳимми соҳаи маориф маҳсуб ёфта, дар даврони соҳибистиқлолӣ бо мақсади беҳтар кардани шароити таълиму тарбия ҳазорҳо муассисаи таълимии замонавӣ бунёд карда шуд.

Дар баробари дастоварду пешравиҳо дар низоми таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳамчун таҳкурсии асосии таълиму тарбия ва омили рушди неруи инсонӣ ҳанӯз як қатор мушкилоту душвориҳои ҳалталаб вуҷуд доранд.

Такмилу бознигарии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, сифати таълим, таъминот бо кадрҳои омӯзгорӣ, китобҳои дарсӣ, кабинетҳои фанниву озмоишгоҳҳо, саводнокии рақамӣ ва тарбияи насли наврас дар руҳияи худшиносии миллӣ аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки ҳамчун санади муайянкунандаи мазмун ва сатҳи таҳсилот амал мекунад, вобаста ба пешрафту дигаргуниҳои ҷаҳони муосир ба таҷдиди ҷиддӣ ниёз дорад.

Таҳия ва қабули стандарти нави давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки ба натиҷа, таълими шахсиятсоз ва пайвастагии мактаб бо ҳаёти воқеӣ такя мекунад, амри зарурист.

Татбиқи чунин ислоҳот бояд дар асоси таҳлили амиқи вазъи кунунии таҳсилот ва таҷрибаи пешрафтаи байналмилалӣ амалӣ карда шавад.

Ҳамчунин, мутобиқсозии стандарт бо шароити мактабҳо, рушди муҳити инноватсионӣ ва рақамӣ бояд таъмин гардад.

Қабули стандарти нави давлатӣ бояд ба беҳбуди воқеии сифати таҳсилот, боловании қобилияти рақобати хатмкунандагон ва ташаккули низоми таълими устувор ва ҷавобгӯй ба ниёзҳои замон мусоидат намояд.

Вазоратҳои маориф ва илм, рушди иқтисод ва савдо, адлия, Кумита оид ба таҳсилоти миёна ва ибтидоии касбӣ, Маркази тадқиқоти стратегӣ, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва дигар вазорату идораҳои дахлдор бояд вобаста ба ин масъала бо иштироки мутахассисони баландпояи соҳа, омӯзгорони таҷрибадор, муҳаққиқон ва намояндагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ гурӯҳи кории байниидоравӣ таъсис диҳанд.

Дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот ва махсусан, дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ сифати таълим омили муайянкунандаи натиҷаи кор мебошад.

Барои расидан ба натиҷаҳои назаррас дар ин самт татбиқи тадбирҳои зеринро ба мақсад мувофиқ мешуморам:

якум, бо дарназардошти таҷрибаи кишварҳои муваффақ таҳия намудани меъёрҳои ягонаи муайянкунандаи сифати таҳсилот дар муассисаҳои таълимӣ.

Зеро даҳсолаҳост, ки ҳам дар муассисаҳои таълимӣ ва ҳам дар сохторҳои соҳа сифати таҳсилот танҳо аз рӯйи баҳои «чор»-у «панҷ»-и гирифтаи хонанда муайян карда мешавад.

дуюм, дар заминаи Стратегияи миллии арзёбии сифати таҳсилот барои давраи то соли 2044 таъсис додани махзани ягона ҷиҳати таҳлил, арзёбии сифати дониш, малака ва маҳорати таълимгирандагон тавассути технологияҳои рақамӣ;

сеюм, фароҳам овардани шароит барои иштирок дар арзёбиҳо ва барномаҳои байналмилалӣ;

чорум, пайваста баррасӣ намудани натиҷаҳои мониторинг ва арзёбии сифати таҳсилот дар муассисаҳои таълимӣ ва андешидани тадбирҳои иловагӣ ҷиҳати баланд бардоштани сифати таълиму тарбия.

Таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо кадрҳои омӯзгорӣ яке аз масъалаҳои асосӣ дар соҳаи маориф маҳсуб ёфта, раванди бомароми таълиму тарбия ва баланд бардоштани сатҳи дониши хонандагон ба он робитаи бевосита дорад.

Соли 2024 дар асоси тақсимот 3168 нафар хатмкардагони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ба муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳо сафарбар карда шудаанд.

Ҳоло муассисаҳои таҳсилоти умумии кишвар ба 3 ҳазору 848 нафар омӯзгор эҳтиёҷ доранд, ки нисбат ба соли гузашта як баробар камтар аст.

Вобаста ба ин, бори дигар таъкид менамоям, ки Вазорати маориф ва илм, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳия бояд дар муддати як сол масъалаи норасоии кадрҳои омӯзгориро пурра бартараф намоянд.

Соли ҷорӣ муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбиро 17 ҳазору 200 нафар мутахассисони ҷавон бо ихтисоси омӯзгорӣ хатм кардаанд.

Ҳамзамон бо ин, зарурат пеш омадааст, ки бо дарназардошти ҷорӣ намудани иқтисоди рақамӣ, татбиқи чорабиниҳои Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, муосирсозии раванди таҳсилот, пурра таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо кадрҳои омӯзгорӣ ва дурнамои омодасозии кадрҳо дар соҳаи омӯзгорӣ барномаи давлатии омода намудани кадрҳои омӯзгорӣ таҳия карда шавад.

Вазоратҳои маориф ва илм, рушди иқтисод ва савдо, Академияи миллии илмҳо, академияҳои соҳавӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ барномаи мазкурро дар муддати шаш моҳ таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намоянд.

Яке аз масъалаҳои муҳимми зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва дар умум соҳаи маориф таълифи китобҳои дарсии насли нав мебошад.

Китоби дарсӣ бояд хонандаро на фақат ба дараҷаи шинохти илм расонад, балки андешаи ӯро бедор созад, дар ниҳоди хонанда ҷаҳонбинии дунявӣ, эҳсоси ватандӯстӣ ва худшиносии миллиро ташаккул диҳад.

Вазорати маориф ва илм, Академияи миллии илмҳо, академияҳои соҳавӣ ва Маркази тадқиқоти стратегӣ вазифадор карда мешаванд, ки бо ҷалби олимони соҳибтаҷриба Консепсияи таҳияи китобҳои дарсиро аз нав таҳия ва пешниҳод намоянд.

Ҳамчунин, зарур аст, ки китобҳои дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ пеш аз нашр аз ташхиси олимони Академияи миллии илмҳо гузаронида шаванд.

Вобаста ба ин, Вазорати маориф ва илм вазифадор карда мешавад, ки корро дар ин самт тақвият бахшида, то охири соли равон эҳтиёҷоти муассисаҳои таълимиро ба китобҳои дарсӣ пурра қонеъ намояд.

Ҳамчунин, имрӯз замоне фаро расидааст, ки мо педагогикаи миллии худро бо истифода аз дастоварду навгониҳои замони муосир ташаккул диҳем ва анҷом додани ин кор, пеш аз ҳама, вазифаи олимони соҳаи педагогика мебошад.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Дар яке аз паёмҳои худ зикр намуда будам, ки зинаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ дар шароити кунунӣ яке аз зинаҳои афзалиятноки таҳсилоти касбӣ дар ҷумҳурӣ буда, барои баланд бардоштани иқтидори захираҳои инсонӣ ва соҳибкасб намудани шаҳрвандон саҳми босазо мегузорад.

Бо дарназардошти аҳаммияти ин масъала ва ба мақсади таъмин намудани рушди минбаъдаи муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ду рӯз пеш бо қарори Ҳукумати мамлакат барномаи махсус барои давраи солҳои 2026 – 2030 қабул гардид, ки ҷиҳати амалӣ намудани он аз буҷети давлатӣ 300 миллион сомонӣ ҷудо карда мешавад.

Ҳоло дар кишвар 66 муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ фаъолият дошта, дар онҳо аз рӯйи 14 самт ва 330 касбу ихтисос барои иқтисоди миллӣ кадрҳои коргарӣ тайёр карда мешаванд.

Дар ин муассисаҳои таълимӣ 23 ҳазору 500 нафар хонандагон ба касбомӯзӣ ҷалб гардидаанд, ки 1605 нафар омӯзгор ва 978 нафар устои таълими истеҳсолӣ ба таълиму тарбияи онҳо машғул мебошанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар низоми таҳсилоти ибтидоии касбӣ дар самти таҷдиди назар намудани стандарт, нақша ва барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ, маводи таълимӣ, истифодаи технологияҳои муосир дар раванди таълим корҳои муайян ба анҷом расонида шуда, гузариш ба низоми бисёрхолаи баҳодиҳӣ ҳамчун қадами навбатии ислоҳоти соҳа пешбинӣ гардидааст.

Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ вазифадор карда мешавад, ки масъалаи гузариш ба низоми бисёрхолаи баҳодиҳиро дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ мавриди таҳлилу омӯзиш қарор дода, пешниҳоди худро дар муҳлати се моҳ ба Ҳукумати мамлакат манзур созад.

Соли 2024 муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбиро беш аз 8 ҳазор нафар хатм кардаанд, ки 76 фоизи онҳо бо ҷойи кор таъмин гардида, 24 фоиз ба ҷойи кор ҳозир нашудаанд ё таҳсилро дар зинаҳои дигар идома дода истодаанд.

Муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ҳоло дорои 97 бинои таълимӣ (бо 29 ҳазор ҷойи нишаст) мебошанд, ки аз ин 14 бино садамавӣ буда, биноҳои 12 муассиса ба азнавсозӣ ва 22 муассисаи таълимии дигар ба таъмири асосӣ ниёз доранд.

Дар ин зинаи таҳсилот 54 хобгоҳ вуҷуд дорад, ки 80 фоизи онҳо бояд таъмиру азнавсозӣ карда шаванд.

Зикр бояд кард, ки ҳанӯз дар 16 шаҳру ноҳия муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ вуҷуд надоранд.

Бинобар ин, зарур аст, ки дар маркази ин шаҳру ноҳияҳо, марказӣ ҷамоатҳои деҳоте, ки шумораи аҳолиашон аз 10 ҳазор нафар зиёд аст, инчунин, дар назди вазорату идораҳои дахлдор ва корхонаҳои калони истеҳсолӣ муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ё гурӯҳҳои мақсадноки таълимӣ ё филиалҳои онҳо таъсис дода шаванд.

Соли ҷорӣ Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ бо дастгирии Ҳукумати мамлакат ва шарикони рушд сохтмон, таъмир ва азнавсозии 37 муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбиро ба нақша гирифтааст ва ин раванд бояд

# СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА МУНОСИБАТИ РӮЗИ ДОНИШ ВА ДАРСИ СУЛҲ

вусъат дода шавад.

Ҳоло муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ бо китобҳои дарсии умумитаълимӣ таъмин мебошанд, вале норасоии китобҳои дарсӣ аз фанҳои тахассусӣ ҷой дорад.

Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ҷиҳати ҳалли масъалаи мазкур бояд тадбирҳои амалӣ андешида, нақшаи таҳияи чопи китобҳои дарсиро барои ин зинаи таҳсилот таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намояд.

Дар таъмини соҳаҳои иқтисодиёти мамлакат бо кадрҳои соҳибихтисоси коргарӣ дар радифи таҳсилоти ибтидоии касбӣ 66 маркази таълими калонсолон нақши муҳим дорад.

Дар ин марказҳо қувваи кории истифоданашуда, ки ҳоло 30 фоизи захираҳои меҳнатиро ташкил медиҳад, ба касбомӯзӣ ва такмили ихтисос фаро гирифта, барои фаъолияти минбаъда равона карда мешавад.

Вале аз ҷониби мақомоти марбута ва масъулини соҳа имкониятҳои ин марказҳо ба таври кофӣ истифода намегарданд.

Масалан, солҳои охир бо дастгирии Бонки Осиёии Рушд дар шаҳрҳои Хуҷанд, Бохтар, Роғун, ноҳияҳои Данғара ва Восеъ панҷ маркази касбомӯзӣ, хизматрасонӣ ва рушди малакаҳо таъсис дода шуданд, ки иқтидори онҳо барои ба касбомӯзӣ ҷалб намудани шаҳрвандон дар як сол 8 ҳазор нафарро ташкил дода, ба хатмкунандагон сертификати дараҷаи байналмилалӣ медиҳанд.

Аммо дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ дар ин марказҳо ҳамагӣ 1543 нафар ба касбомӯзӣ фаро гирифта шудааст.

Бинобар ин, ба Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ супориш дода мешавад, ки ҷиҳати ҳарчи бештар ба касбомӯзӣ фаро гирифтани шаҳрвандон, инчунин, пурра ба танзим даровардани низоми касбомӯзии калонсолон тадбирҳои муассир андешанд.

Имрӯз дар кишвар дар 86 муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ аз рӯйи 250 ихтисос мутахассис омода карда мешавад, ки ин нисбат ба соли 1991-ум 43 муассиса ва 126 ихтисос зиёд мебошад.

Шумораи муассисаҳои ин зинаи таҳсилот сол ба сол зиёд шуда истодааст ва мустаҳкам намудани пояҳои моддиву техникии онҳо яке аз масъалаҳои муҳим ва ҳалталаб ба шумор меравад.

Аз ин рӯ, Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ва дигар вазорату идораҳое, ки дар сохторашон муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ доранд, вазифадор карда мешаванд, ки дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд ҷиҳати мустаҳкам намудани заминаи моддиву техникии муассисаҳои таълимӣ чораҷӯйӣ намоянд.

Имрӯз дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ 16 ҳазору 187 нафар омӯзгорону кормандон, аз ҷумла 28 нафар доктори илм ва 247 нафар номзадҳои илм фаъолият доранд.

Бояд гуфт, ки шумораи омӯзгорони дараҷа ва унвони илмидошта ҳоло ҳам нокифоя мебошад ва Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ барои бештар ҷалб кардани чунин омӯзгорон тадбирҳои мушаххас андешад.

Инчунин, Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ вазифадор карда мешавад, ки бо ҷалби мутахассисони соҳибтаҷрибаи муассисаҳои таълимӣ ва вазорату идораҳое, ки дар сохторашон муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ доранд, барои ҳалли мушкилоти дигари соҳа, аз ҷумла таҳия ва чопи китобҳои тахассусӣ чораҳои иловагӣ андешад.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Таҳсилоти олии касбӣ яке аз пояҳои асосии рушди иҷтимоиву иқтисодии ҳар як давлат ба шумор меравад.

Дар ҷаҳони муосир, ки босуръат тағйир ёфта, талаботи бозори меҳнат пайваста нав мегардад, зарурат ба таҳсилоти олӣ ҳамчун муҳити тавлиди дониш, технология ва инноватсия беш аз пеш эҳсос мегардад.

Маҳз тавассути таҳсилоти олии босифат ҷомеа метавонад ба кадрҳое такя намояд, ки бо дониш, масъулиятшиносӣ ва диди васеъ муҷаҳҳаз буда, дар ҳама соҳаҳои ҳаёт нақши фаъол бозида метавонанд.

Имрӯз дар кишвар 48 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ амал мекунад, ки дар онҳо беш аз 213 ҳазор нафар донишҷӯ ба таълиму тарбия фаро гирифта шудааст.

Яке аз онҳо Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон мебошад, ки имрӯз мо бинои нави он, инчунин, бинои Маркази рушди малакаҳо, касбомӯзӣ ва хизматрасониро ифтитоҳ намудем.

Бояд зикр намуд, ки Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ҳамчун нахустин муассисаи таҳсилоти олии касбии дорои мақоми байналмилалӣ дар кишвар, бо дастгирӣ ва таваҷҷуҳи доимии Ҳукумати мамлакат дар зарфи солҳои охир ба маркази пешбари омодасозии мутахассисони рақобатнок тибқи низоми бисёрзинагии таҳсилот табдил ёфтааст.

Соли 2021 зимни ифтитоҳи ду бинои таълимии донишгоҳи мазкур ва гузоштани санги асоси биноҳои дигар дастур дода будам, ки бо ҳадафи ҳарчи бештар ба таҳсил ва курсҳои омӯзишӣ фаро гирифтани аҳолӣ сохтмони биноҳо бо усули муосири меъморӣ ва баландошёна амалӣ карда шавад.

Чунонки имрӯз мебинем, иншооти мазкур иборат аз Маркази рушди малакаҳо, касбомӯзӣ ва хизматрасонӣ, Маркази идоракунии рақамии таҳсилот, Маркази дипломатияи сабз, Маркази рушди сайёҳӣ ва соҳибкорӣ, синфхонаҳои таълимӣ, маҷмааи варзишӣ, ошхона, коргоҳи дӯзандагӣ ва хобгоҳ бо сатҳу сифати баланд бунёд ва ба истифода дода шуд.

Дар робита ба ин, ба роҳбарияти донишгоҳ супориш дода мешавад, ки бо оғози фаъолияти Маркази рушди малакаҳо, касбомӯзӣ ва хизматрасонӣ дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои марбута барои ҷалби ҳарчи бештари сокинони мамлакат барои касбомӯзӣ чораҷӯйӣ карда, донишҷӯёнро низ дар баробари гирифтани ихтисос ба омӯзиши касбҳои алоҳида сафарбар намоянд.

Ҳамзамон бо ин, бо мақсади татбиқи Стратегияи миллии рушди маориф барои давраи то соли 2030 ва Стратегияи рушди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкорӣ барои давраи то соли 2040 пешниҳод менамоям, ки дар заминаи донишкадаи сайёҳии донишгоҳ Академияи сайёҳии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон таъсис дода шавад.

Дар ин раванд, дар назар бояд дошт, ки истифодаи пурраи имкониятҳои васеи кишвари мо дар самти ҷалби сайёҳон, рушди соҳаи сайёҳӣ ва барои фаъолият дар ин бахши муҳим ҳарчи бештар фаро гирифтани ҷавонон аз ҷумлаи зарурatҳои рӯз ва тақозои замона мебошад.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Масъалаи омода кардани омӯзгорони соҳаи табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ яке аз масъалаҳои муҳим дар низоми маорифи мамлакат маҳсуб меёбад.

Аз ин рӯ, моро лозим аст, ки дар оянда аз фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ омӯзгорону муҳаққиқони сатҳи баландро омода намуда, раванди амалишавии Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маорифро тақвият бахшем.

Аз ин лиҳоз, вазоратҳои маориф ва илм, рушди иқтисод ва савдо ва Маркази миллии тестӣ вазифадор карда мешаванд, ки бо мақсади омода намудани омӯзгорони баландихтисоси равияҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ қабули довталабонро ба гурӯҳҳои буҷетӣ зиёд намоянд.

Таҳсилот дар зинаҳои магистратура ва докторантура аз рӯйи ихтисос заминаи муҳимми омода кардани кадрҳои ҷавони илмӣ ба ҳисоб меравад.

Вале дар ин зинаҳо шумораи довталабон аз ҳисоби ҷавонон сол ба сол коҳиш ёфта истодааст.

Соли 2024 нақшаи қабул ба зинаи магистратура ҳамагӣ 34 фоизро ташкил додааст, ки чунин ҳолат хеле ва хеле ташвишовар мебошад.

Вазоратҳои маориф ва илм, рушди иқтисод ва савдо, Академияи миллии илмҳо, Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм ва академияҳои соҳавӣ вазифадоранд, ки вобаста ба ислоҳи вазъи бавуҷудомада чораҳои мушаххас ва бетаъхир андешанд.

**Ҳозирини муҳтарам!**

Тавре ки имрӯзҳо мушоҳида мекунем, торафт муташанниҷ гардидани вазъи сиёсиву низомии ҷаҳон ва афзоиши ҷангу низоъҳо дар гӯшаҳои гуногуни сайёра инсониятро ба ташвишу нигаронии ҷиддӣ овардааст.

Дар чунин шароити пуртазод ҳифзи сулҳ, амнияти миллӣ ва суботи устувор дар кишвар вазифаи муҳимтарини ҳамаи мо ба хотири таъмин намудани пешрафти ҳамаи соҳаҳои ҳаёт, аз ҷумла соҳаи маориф мебошад.

Бори дигар таъкид менамоям, ки сулҳ омили муҳимтарини рушди маърифати инсон ва пешрафти ҷомеа аст.

Сулҳ муҳити мусоид фароҳам меоварад, ки наслҳои нав ба ҷойи тарс аз ҷангу ноамнӣ босаводу донишманд, хушахлоқу худшинос ва содиқ ба Ватан ба камол расанд.

Бо дарки ҳамин ҳақиқат, Ҳукумати мамлакат дар фаъолияти худ рушди соҳаи маорифро пояи устувори давлатдории муосир меҳисобад.

Зеро танҳо миллате, ки босавод, дорои маорифи босифат ва кадрҳои баландихтисос аст, метавонад дар арсаи ҷаҳонӣ соҳибмақом бошад.

Аз ин рӯ, дар давоми беш аз сӣ соли соҳибистиқлолӣ, бо вуҷуди мушкилоти зиёд, дар радифи соҳаҳои дигар соҳаи маориф низ рушд ёфт ва ба пешравиҳои назаррас ноил гардид.

Муҳимтар аз ҳама, дар ин давра насли наве, ки муҳаббат ба Ватан, арҷгузорӣ ба ҳувияти миллӣ ва таваҷҷуҳ ба илму маърифат дар меҳвари шахсияташ қарор дорад, ба миён омад.

Ин насл бароиояндаи ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ ва фарҳангии кишвар корҳои зиёдеро ба анҷом мерасонад.

Замони муосир, ки ба он ҳам тараққиёти босуръат ва ҳам мушкилоти зиёди глобалӣ хос аст, шахсиятҳои дорои маълумоти комил ва аз ҳар ҷиҳат фаъолро тақозо дорад.

Фаромӯш набояд кард, ки кор танҳо бо маблағгузории соҳа ба итмом намерасад, балки муҳимтар он аст, ки ҷавонони мо ҳисси баланди миллӣ ва ҷаҳонбинии васеи муосир дошта бошанд, Ватани худро сидқан дӯст доранд, технологияҳои замонавиро аз худ намоянд ва забонҳои хориҷиро хуб донанд.

Падару модарони гиромӣ бояд ҳамеша дар ёд дошта бошанд, киояндаи равшану пурсаодати фарзандон, қабл аз ҳама, ба сатҳи масъулиятшиносии онҳо дар самти тарбияи маънавӣ, ахлоқӣ ва руҳию равонии фарзандон вобаста мебошад.

Дар ин самт устодону омӯзгорон ва аҳли маориф низ масъулият ва нақши бузург доранд.

Маҳз омӯзгорон – машъалафрӯзони ҷомеа қодиранд, ки имрӯзу фардои диёрро бо нури маърифат мунаввар созанд ва дар рушду тараққиёти давлату миллат ҳиссаи сазовор гузоранд.

Имрӯз мо танҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳайати 131-ҳазорнафараи омӯзгоронро дорем, ки ин қувва ва қудрати бузург аст.

Илова бар ин, дар донишгоҳу донишкадаҳо ва пажӯҳишгоҳу академияҳои мамлакат ҳазорҳо нафар олимону донишмандон фаъолият доранд, ки онҳо низ неруи бузурги маънавӣ мебошанд.

Зарур аст, ки ин иқтидори зеҳнӣ бештар муттаҳид ва фаъолияти он ба самти соҳибмаърифату донишманд гардонидани насли ҷавони кишвар сафарбар карда шавад.

Омӯзгор шаъну шарафи миллат аст ва имрӯзу фардои ҳар як кишвар ва ҷомеа аз сатҳи маърифат ва фаъолияти ӯ вобастагии калон дорад.

Хиради омӯзгор ҷаҳлу хурофотро аз байн мебарад ва сарчашмаи комёбиҳо мегардад.

Дар бартарафсозии тамоми мушкилоти миллату давлат, пеш аз ҳама, омӯзгорон саҳмгузоранд.

Эҳтироми омӯзгор аз тарафи ҳар як фард эҳтироми худ, эҳтироми миллат ва эҳтироми ҷомеа аст.

Мо мақоми омӯзгорро ҳар қадар баланд бардорем, ҷомеа ҳамон қадар муваффақу пешрафта мегардад.

Соли гузашта дар суханронӣ ба муносибати Рӯзи дониш ман ба сохтору мақомоти марбута супориш дода будам, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақоми омӯзгор»-ро таҳия ва барои баррасӣ ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намоянд.

Ҳоло ин санади муҳим аз ҷониби Ҳукумати мамлакат маъқул дониста шуда, ба баррасии парламенти кишвар ирсол гардидааст.

Қабули ин қонун марҳалаи наверо дар фаъолияти омӯзгорон ва умуман, дар ҳаёти аҳли кишвар ифтитоҳ хоҳад бахшид.

Мехоҳам як нуктаи муҳимро бори дигар такрор намоям.

Масъалаи таълиму тарбия марбут ба имрӯзуояндаи ҳар яки мост.

Аз ин рӯ, дар таълиму тарбияи насли наврас бояд заррае ба саҳлангорӣ роҳ надиҳем, серталаб бошем ва нисбат ба тақдириояндаи фарзандонамон бо камоли масъулият муносибат намоем.

Аҳли маориф, падару модарон, зиёиёну фаъолон ва умуман тамоми ҷомеа якҷо бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бояд кӯшиш намоянд, ки ҷинояткорӣ ва ҳама гуна қонуншиканиҳо дар байни наврасону ҷавонон пешгирӣ карда шавад.

Мо вазифадорем, ки наврасону ҷавононро тарбияи дуруст диҳем, онҳоро ба роҳи рост ҳидоят намоем, ба фарзандони худ барои омӯхтани илму дониш ва касбу ҳунар шароити беҳтарин муҳайё созем ва ҳамеша дар фикри он бошем, ки фарзандони мо дар зиндагииояндаи хеш азият накашанд.

Такроран таъкид менамоям, ки ин вазифаи инсонӣ ва қарзи имонии на танҳо аҳли маориф ва падару модарон, балки тамоми ҷомеа мебошад.

Мактаб, оила ва ҷомеа – ин се неруи масъулу тавоно бояд иттиҳоди ҳамешагӣ дошта бошанд ва ба хотири таълиму тарбияи шоистаи наврасону ҷавонон дар ҳамбастагӣ ҷидду ҷаҳд намоянд.

Тоҷикистон Ватани маҳбуби мо, ҳастии мо ва обрӯю эътибори мост.

Қарзи фарзандӣ ва вазифаи шаҳрвандии мову шумост, ки ба хотири пешрафту ободии диёри биҳиштосои худ, хусусан, дар доираи омодагӣ ба ҷашни бузурги миллиамон – 35-солагии истиқлоли давлатӣ пайваста заҳмат кашем ва обрӯи Тоҷикистони маҳбубамонро дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам баланд бардорем.

Ман ба мардуми шарафманди кишвар, аз ҷумла ҷавонону наврасони ватандӯсти Тоҷикистон муроҷиат карда, таъкид менамоям, ки мо бояд ба шукронаи соҳибватаниву соҳибдавлатӣ ҳамеша сарҷамъу муттаҳид бошем, ҳисси баланди миллӣ дошта бошем ва тамоми тавону неруи худро барои ободии Ватанамон ва пешрафти давлати соҳибихтиёрамон равона созем.

Бо изҳори эътимод баояндаи ободи Ватани азизамон бори дигар кулли устодону шогирдон, донишҷӯён ва тамоми сокинони кишвар, аз ҷумла ҳамаи шумо – ҳозирини гиромиро ба ифтихори оғози соли нави таҳсил ва Рӯзи дониш самимона табрик мегӯям.

Ба хонандагону донишҷӯён хониши хубу аъло, ба устодону омӯзгорон барори кор ва ба мардуми шарифи Тоҷикистон зиндагии босаодат орзу менамоям.

**Ҳамеша сарбаланду тансиҳат бошед, ҳамватанони азиз!**

# ҶАҲОНРО БА ДОНИШ ТАВОН ЁФТАН

**1-уми сентябри соли равон дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ба муносибати Рӯзи Дониш ва Дарси сулҳ ҷамъомади тантанавӣ таҳти унвони “Ҷаҳонро ба дониш тавон ёфтан” баргузор гардид.**



Дар чорабинӣ муовини директори Агентии ҳифзи мероси таърихию фарҳангӣ Саиднуриддинзода Аҳлиддин, сардори шуъбаи муассисаҳои илмию таълимии Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон Дилафрӯз Шарифова ва ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Раҳмонзода Зоир Файзалӣ иштирок ва суханронӣ намуданд.

Муовини директори Агентии ҳифзи мероси таърихию фарҳангӣ Саиднуриддинзода Аҳлиддин ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷӯёни донишгоҳро аз номи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон табрику таҳният гуфта, дар хусуси таваҷҷуҳи Ҳукумати мамлакат, бахусус, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба соҳаи илму маориф ва дастгирию ғамхорӣ нисбати омӯзгорону кормандони соҳа, инчунин аҳаммияти илму дониш дар пешрафти ҷомеа ва ободию шукуфоии мамлакат ҳарф зада, бо мисолҳои мушаххас аз хусуси дастовардҳо ва рушди соҳа дар солҳои соҳибистиқлолӣ ёдовар шуд.

Сипас, сардори шуъбаи муассисаҳои илмию таълимии Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон Дилафрӯз Шарифова табрикоти вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон Шералӣ Кабирро ба самъи ҳозирин расонид. Инчунин, ректори донишгоҳ Раҳмонзода Зоир Файзалӣ кормандону донишҷӯёни донишгоҳро бо Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ табрику таҳният гуфта, аз ҷумла иброз намуд, ки барои миллати мо ҳамеша донишу хирад, аслу ҷавҳари миллӣ маҳсуб меёбад. Маҳз ба воситаи донишу хирад миллати мо дар дарозои таърих мондагории хешро ҳифз намуда, ҳамчун муаллими башарият эътироф гардидааст.

Бояд гуфт, ки ҷаҳони имрӯзаро бидуни рушди илму маориф тасаввур кардан ғайриимкон аст. Маҳз илму дониш аст, ки ҳамчун заминаи устувор ва қудрати миллӣ давлату миллатҳоро таҳким бахшида, онҳоро дар рақобатҳои гуногун тобовар месозад.

**“Фановар”**

# ТАБРИКОТИ РЕКТОРИ ДТТ РАҲМОНЗОДА ЗОИР ФАЙЗАЛӢ БА ИФТИХОРИ РӮЗИ ДОНИШ ВА ДАРСИ СУЛҲ

**Омӯзгорон, кормандон ва донишҷӯёни гиромӣ!**

Нахуст, ҳамаи шуморо ба муносибати Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ самимона муборакбод намуда, бароятон пеш аз ҳама саломатӣ, муваффақиятҳои беназир ва тамоми хушиҳои зиндагиро таманно менамоям.

Тавре мову шумо огоҳ ҳастем, 30-юми августи соли ҷорӣ зимни ифтитоҳи бинои иловагии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон бо иштироки бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ дар сатҳи ниҳоят хотирмон баргузор гардид.

Пешвои муаззами миллат ҳамчун парчамбардори хирадмеҳвари гузаштагони донишзамири мо, дар сиёсати давлатӣ маорифро дар авлавият қарор дода, ҳамасола ҷиҳати боло бурдани вазъи иҷтимоии кормандону устодон ва рушди соҳаи маорифи кишвар пайваста тадбирҳо андешида, дар суханрониҳояшон рушди пайвастаи ин самтро хеле ҷиддӣ таъкид менамоянд.

Дарвоқеъ, мазмуни ҳидоятҳои Пешвои муаззами миллат, имрӯз аз мову шумо фаъолияти боз ҳам бештару масъулона ва дигаргуниҳои куллиро талаб менамояд.

Тавре дар суханронии Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ таъкид гардид: Татбиқи саривақтӣ ва ҳалли масъалаҳои мавҷуда дар соҳа на танҳо ба маблағгузорӣ, балки ба сатҳи масъулиятшиносӣ, савияи донишу касбияти баланд, нангу номус, ҳисси миллӣ, иродаву виҷдон ва эҳсоси ватандӯстии ҳар як корманд, олимону омӯзгорон ва донишҷӯёни донишгоҳ иртиботи мустақим дорад.

**Устодон ва донишҷӯёни азиз!**

Оғоз гардидани соли нави таҳсил бо таҷлили Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ аз ҷониби Сарвари давлат, ки ҳамасола дар арафаи ҷашни Истиқлоли давлатӣ сурат мегирад, ҳадафмандона ва ба хотири тақвият бахшидан ба ваҳдати миллӣ, пойдории сулҳу субот дар кишвар ва рушду пешрафти ҳамаи соҳаҳо, аз ҷумла, соҳаи илму маорифи Тоҷикистони азиз нигаронида шудааст. Зеро, Истиқлол, Сулҳ ва Дониш мафҳумҳои бунёдии ҷомеаи башарӣ буда, ба ҳам тавъаманд.

Масъалаи муҳиме, ки Роҳбари давлат пайваста таъкид менамоянд, ин роҳ надодан ба муносибати рӯякии омӯзгорон ба тақдири ояндаи наврасону ҷавонон, саҳлангорӣ ва бетарафӣ аз ҷониби баъзе роҳбарони муассисаҳои таълимӣ, инчунин, падару модарон ва аҳли ҷомеа, ки оқибат фарзандон ё шогирдони моро ба доми созмонҳои ифротиву террористӣ гирифтор карда, ояндаашонро барбод медиҳанд, мебошад.

Дар ҳақиқат масъалаи мазкур дар замони ҷаҳонишавӣ ва мубоpизаҳои бесобиқаи абарқудратҳо хеле муҳиму саривақтӣ мебошад.

**Омӯзгорон ва донишҷӯёни гиромӣ!**

Бояд таъкид намоям, ки яке аз омилҳои асосии ҷанги шаҳрвандии солҳои 90- уми қарни гузашта, нодониву камогоҳии қишрҳои муайяни табақоти ҷомеаи он вақт буд. Имрӯз ҳам сӯйистифода шудани ҷавонон тавассути гурӯҳҳои манфиатхоҳ ва гаравидан ба самти терроризму экстремизм аз таассубу хурофот ва нодониву ноогоҳии бархе ҷавонон аст.

Аз ин рӯ, дар шароити печида ва мураккаби ҷаҳони имрӯз агар соҳиби дониши илмӣ намешавем, агар ба умқи сиёсатгузориҳои имрӯзӣ пай намебарем, агар бедору огоҳ намешавем, агар худогоҳу худшинос намешавем, агар роҳро аз ҷоҳ фарқ намекунем ҳатман номуваффақу дастнигари дигарон хоҳем монд.

Вобаста ба ин, Рӯзи Дониш ва таъкиди дарси сулҳ барои ҳар яки мову шумо муҳимияти сулҳхоҳиву донишандӯзиро водор месозад, на танҳо як Рӯзи дониш, балки тамоми сол ва кулли умр ба омӯзишу маърифат бояд таваҷҷуҳ кунем ва дар роҳи шинохту маърифат саъю талош ва кӯшишу ғайрати бесобиқаро дареғ надорем.

**Устодон ва донишҷӯёни азиз!**

Боиси хурсандист, ки бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи моддӣ - техникии донишгоҳ сол то сол мустаҳкамтар гардида, шароиту имкониятҳои омода намудани мутахассисони ба талаботи бозори меҳнат рақобатпазир бештар гардида истодаанд.

Дастовардҳои зиёде, ки Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар зарфи 34 соли Истиқлолият соҳиб гардид, самараи Истиқлолият ва фаъолияти пурсамари Шумо - ҳайати профессорону омӯзгорон ва кормандон баҳри амалӣ намудани сиёсати оқилонаю хирадмандонаи Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки маорифро самти афзалиятнок эълон намудаанд, мебошад.

Бояд тазаккур дод, ки Донишгоҳи технологии Тоҷикистон соли 1990 таъсис ёфта аввалин маротиба дар таърихи Тоҷикистон барои соҳаҳои воқеии иқтисодиёти кишвар - саноати сабук ва хӯрокворӣ мутахассисони маълумоти олӣ доштаро, ки то даврони Истиқлол дар хориҷи кишвар тайёр карда мешуданд, таъмин менамуд.

Дар ин давраи таърихӣ донишгоҳ барои соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи кишвар зиёда аз 19000 нафар мутахассисони рақобатпазирро тайёр намудааст ва ҳоло онҳо дар соҳаҳои калидии иқтисодиёти кишвар фаъолият бурда истодаанд.

Донишгоҳ барои ташкили босамари ҷараёни таълим ва дар сатҳи талаботҳои стандартҳои байналмилалӣ тайёр намудани мутахассисони дорои имкониятҳои баланди илмӣ—педагогӣ, пойгоҳи васеи моддию техникӣ мебошад.

Мавҷудияти академияи маҳалии Cisco имконият медиҳад, ки донишҷӯён дар курсҳои сертификатсионии Cisco иштирок варзанд ва соҳиби сертртификати дараҷаи байналмилалии мутахассиси ин ширкат гарданд.

Мавҷудияти озмоишгоҳҳои тахассусии таълимӣ, ҳамкориҳои васеъ бо корхонаҳои саноативу истеҳсолӣ имконият медиҳанд, ки мутахассисон баъди хатми донишгоҳ ба талаботи бозори меҳнат тайёр бошанд ва соҳиби ҷойи кор гарданд.

Донишҷӯён дар давоми таҳсил ба корхонаҳои саноатӣ, бонкҳо, ширкатҳо ба таҷрибаомӯзӣ ва гузаронидани дарсҳои тахассусӣ сафарбар карда мешаванд.

**Устодони арҷманд ва донишҷӯёни гиромӣ!**

Ҳамкориҳои байналмилалии донишгоҳ низ васеъ буда, имрӯз он бо беш аз 140 таълимгоҳҳои олии хориҷи кишвар равобити худро густарда ба роҳ мондааст.

Дар ин росто, мутахассисон аз хориҷи кишвар даъват карда шуда, аз фанҳои тахассусӣ ба донишҷӯён дарс медиҳанд.

Ҳар сол дар доираи барномаҳои байналмилалии ЭРАСМУС+, GIZ донишгоҳ соҳиби чандин грантҳо мегардад, ки онҳо ба кормандон ва донишҷӯён барои дар хориҷи кишвар таҳсил ва таҷрибаомӯзӣ намудан имкониятҳои васеъро фароҳам меоваранд.

Дар назди ДТТ фаъолият намудани Марказҳои Тоҷикистону Кореяи Ҷанубӣ оид ба технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва забону касбомӯзӣ, инчунин марказҳои технологияҳои иттилоотӣ ва рақамикунонӣ, маркази омӯзишӣ - сертификатсионӣ, инноватсия ва рушди зеҳни сунъӣ имконият медиҳад, ки донишҷӯён забонҳои муосири барномасозиро аз худ намуда, тарзи барномарезии кори роботҳо ва саворахои бесарнишинро аз худ намоянд ва курсҳои кӯтоҳмуддатро хатм намуда, корҳои эҷодӣ, инноватсионӣ ва ихтирооти худро то андозае дар истеҳсолот татбиқ намоянд.

Дар марказҳои мазкур ҳамасола устодону мутахассисони варзида аз Кореяи Ҷанубӣ, Олмон, Италия, Ҷумҳурии Мардумии Чин, Россия, Узбекистон ва дигар кишварҳои хориҷи дуру наздик ҷалб гардида, ба донишҷӯёну кормандон ва омӯзгорони донишгоҳ дарс меомӯзонанд.

Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, ки онро метавон зодаи Истиқлолият номид, имсол 35 сола мешавад ва дар ин давра ба яке аз мактабҳои олии бонуфузи кишвар табдил ёфта, дар тарбия ва тайёр намудани мутахассисони варзидаи дорои тахассуси олӣ дар риштаҳои технологӣ, иттилоотӣ, иқтисодӣ, нассоҷӣ ва дизайн саҳми арзанда гузошта истодааст.

Айни замон дар сохтори донишгоҳ филиали донишгоҳ дар шаҳри Исфара, ва Литсейи инноватсионии «Душанбе» фаъолият доранд, ки ин ҳама маҳз бо шарофати соҳибистиқлолии кишвари азизамон арзи ҳастӣ кардаанд.

**Омӯзгорон ва донишҷӯёни азиз!**

Мактабу маориф ва таълиму тарбия дар авлавияти сиёсати давлатӣ қарор дошта, ҳамасола ҷиҳати боз ҳам боло бурдани мақому нуфузи омӯзгор, дастгирӣ ва ҳифзи иҷтимоии ин табақа, ҳукумати кишвар бо роҳбарии Пешвои муаззами миллат тадбирҳои нав ба нав меандешанд. Танҳо тайи ду соли ахир ба андозаи 40 ва 20 дарсад зиёд намудани маоши омӯзгорон, ба парлумони кишвар пешниҳод гардидани лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақоми омӯзгор” исботи бебаҳси ин гуфтаҳост.

Раёсати донишгоҳ низ, бо пайравӣ аз ин сиёсати созанда тайи ду соли ахир кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки бо дарназардошти имконоти мавҷуда қадре ҳам бошад маоши омӯзгорону кормандонро боло бибарад. Дар оянда низ бо фароҳам омадани имконот, ин раванд идома хоҳад ёфт.

Афзалият додан ба мактабу маориф, дастгирии табақаи ниёзманд, боло бурдани худшиносии миллӣ ва эҳсоси ватандӯстии шаҳрвандонро низ дар тамоми амалкардҳои хеш ҳамчун пайрави асили Пешвои миллат, Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ доимо пайгирӣ менамоянд.

Бахусус, ҳамасола бунёд намудани иншоотҳои зиёди мактабу таълимгоҳҳо дар шаҳри Душанбе, баргузории чорабиниҳои гуногуни варзишӣ, ва муҳимтар аз ҳама, бо ибтикори он кас се сол қабл қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон”, инчунин кумакҳои гуногун ба гурӯҳҳои ниёзманд, аз ҷумла ба муҳассилину донишҷӯёнро мо пайваста шоҳид мешавем.

Имсол низ, дар ибтидои соли таҳсил ҷиҳати таъмини 11 нафар донишҷӯи ниёзманд ва дорои имконияти маҳдуди донишгоҳ бо лавозимоти хониш, сару либоси мактабӣ аз тарафи Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ кумаки якдафъаина тақдим карда шуд, ки Раёсати донишгоҳ барои чунин дастгириҳои пайваста ба муҳтарам Раис изҳори сипос менамояд.

**Ҳамкасбон ва донишҷӯёни азиз!**

Дар оғози соли нави таҳсил изҳори умед менамоем, ки ҳар яки шумо тибқи дастуру ҳидоятҳои Пешвои муаззами миллат, ҷиҳати болобарии сифати таълиму тарбия, корҳои эҷодӣ ва навоварӣ, тақвияти корҳои илмӣ, дар озмуну олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ фаъолона ширкат варзида, боиси болоравии нуфузи донишгоҳи азизамон гардида, ташаббусҳои ҳукумат ва вазоратҳои маориф ва илм, саноат ва технологияҳои нави кишварро дар амал татбиқ хоҳед намуд.

Инчунин, ҷиҳати дастгирии амалии ташаббуси навбатии Пешвои муаззами миллат вобаста ба қабули қатъномаи Маҷмаи Умумии СММ зери унвони «Нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардани имконоти навин барои рушди устувор дар Осиёи Марказӣ» саҳм гирифта, нерӯи зеҳнии устодон ва мутахасисони донишгоҳро равона месозем.

Ғамхориҳои ҳамешагии давлату ҳукумати кишвар ҳар яки моро водор менамоянд, ки баҳри татбиқи дастуру ҳидоятҳои Президенти маҳбубамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, бахусус амалӣ намудани вазифаҳое, ки дар суханрониашон зимни баргузор намудани Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ дар Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон назди аҳли маориф гузоштанд, садоқатмандона заҳмат кашида, кӯшишу ғайратамонро баҳри тайёр намудани мутахассисони воқеан ҳам рақобатпазири бозори меҳнат равона созем ва ҷашни дарпешистода — 34 солагии Истиқлолияти кишвари азизамонро бо дастовардҳои арзанда сазовор истиқбол гирем.

Бори дигар Рӯзи дониш, Дарси сулҳ ва соли нави таҳсили 2025-2026-ро бароятон муборакбод мегӯям ва дар роҳи пурмашаққати таълиму тарбия ба Шумо устодони азиз ва донишҷӯёни гиромӣ барору комёбӣ хоҳонам!

# ПАРЧАМИ НАНГ АСТ ИСТИҚЛОЛ

## ТАМАННИЁТИ РЕКТОРИ ДОНИШГОҲ РАҲМОНЗОДА ЗОИР ФАЙЗАЛӢ БА МУНОСИБАТИ 34-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Устодон, кормандон ва донишҷӯёни азиз!**

Ҳамаи шуморо аз номи раёсати донишгоҳ ба ҷашни бузурги миллиамон 34-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон самимона шодбош гуфта, бароятон хушбахтӣ ва дар касбу кор ва иҷрои вазифаҳои ба уҳдадоштаатон барору комёбӣ орзу менамоям.

Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки баъди чанд рӯз 34-умин солгарди он дар тамоми гӯшаву канори мамлакат бошукӯҳ таҷлил мегардад, воқеан ҳам неъмати бебаҳост. Тавре Президенти маҳбуби кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни яке аз суханрониҳояшон ибroз доштанд, "Истиқлолият барои мо азизтарин неъмат ва бузургтарин дастоварде мебошад, ки тоҷикон баъди ҳазор соли бедавлатӣ ба он муяссар гардиданд".

Воқеан ҳам, Истиқлолият тантанаи хираду андешаи миллати солору кӯҳанбунёди тоҷик ба шумор рафта, маҳз бо шарофати он Ватани маҳбуби мо таҳти сарварии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар арсаи байналмилалӣ мақому ҷойгоҳи хоссаи худро пайдо намуд ва бо қадамҳои устувор ба сӯи фатҳи қуллаҳои муроd ва соҳиб гардидани комёбиҳои нав ба нав пеш рафта истодааст.

Соҳибдавлатию соҳибистиқлолӣ ба кишвари мо имкон фароҳам овард, ки Тоҷикистонро қариб ҳамаи давлатҳои дунё ба расмият шиносанд ва ба он робитаҳои зичи ҳамкорӣ дошта бошанд. Боиси ифтихор аст, ки имрӯз Тоҷикистони азизи моро дар арсаи байналхалқӣ чун кишвари фаъол, муаллифи панҷ ташаббуси сатҳи ҷаҳонӣ мешиносанд ва эҳтирому эътироф менамоянд. Дастовардҳои дохилии кишвар бошанд, дар тамоми соҳаҳои ҳаёти мамлакат, аз ҷумла соҳаи маориф рӯз то рӯз бештар гардида, таъмини зиндагии шоистаи мардум ва ободию шукуфоии кишвар хубтар эҳсос мешавад.

Бояд гуфт, ки Президенти маҳбуби кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз нахустин рӯзҳои Сарвари давлат интихоб гардидана-шон илму донишро пояи асосии рушди ҷомеа ва амнияти давлат эълон карда, аз ҷумла дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи амният" дарҷ намуданд, ки хароб гардидани сифати таълим ва неруи зеҳнии мамлакат ҳамчун таҳдид ба амнияти давлат арзёбӣ мегардад. Маҳз таваҷҷуҳи хосса ва ғамхориву эҳтироми Президенти маҳбубамон нисбат ба соҳаи маориф ва омӯзгор буд, ки илми кишвар дар даврони соҳибистиқлолӣ хеле рушд карда, муваффақиятҳои беназир ба даст омаданд.

Суханони зерини Президенти мамлакат далели равшани таваҷҷуҳ ва эҳтиром нисбат ба соҳаи маориф ва мактабу омӯзгор мебошад: "Ман дар асоси таваҷҷуҳу эҳтироме, ки нисбат ба илму маориф ва мактабу омӯзгор дорам, иброз медорам, ки маҳз тавассути рушди босубот соҳаи маориф, таҳкими заминаҳои он ва заҳмати содиқонаи омӯзгорон но тавонистем, ки чеҳраи воқеии халқи тоҷикро дар замони муосир ба ҷаҳониён муаррифӣ намоем. Яъне, сиёсати пешгирифтаи давлат ва Ҳукумати Тоҷикистонро аз нахустин рӯзҳои соҳибистиқлолӣ, пеш аз ҳама, аҳли маорифи кишвар ва устодону омӯзгорон содиқона ҷонибдорӣ карда, барои тарғибу ташвиқи сулҳу ваҳдат ва ривоҷу рушди босубот сахми назарраси худро гузоштанд. Аз ин лиҳоз, ман ба кормандони соҳаи илму маориф ва устодону омӯзгорон сидқан миннатдориву сипос мегӯям. Ҳамчунин, меҳоҳам таъкид намоям, ки бунёди ҷомеаи солиму пешрафта маҳз тавассути ташаккул додани илму маорифи пешрафта, ба роҳ мондани таълиму тарбияи мақсаднок ба арзишҳои миллӣ асосёфта, баланд бардоштани сатҳи касбияти омӯзгорон, муҳайё кардани шароити мусоиди таълим дар муассисаҳои таълимии ҳамаи зинаҳои таҳсилот, яъне бо асбобу таҷҳизоти замонавӣ таъмин намудани онҳо ва ҳамкориву дастгирии падару модарон имкон дода метавонад."



Ҳамкасбони азиз! Мову шумо, ки таълиму тарбиядиҳандаи насли ояндасоз ва омодакунандаи кадрҳои баландихтисос ҳастем, дар баробари ин масъулияти ба дӯшамон гузоштаншуда, боз муваззаф ҳастем, ки ба наврасону ҷавонон, аз ҷумла донишҷӯён даҳшату фоҷиаҳои ҷанги таҳмилии шаҳрвандиро, ки мардуми Тоҷикистон солҳои наваду ми асри гузашта сар гузаронид, фаҳмонем. То онҳо хуб дарк намоянд, ки сулҳу субот ва амнияти оромӣ барои ҳар як шахс ва ҳар як оила чӣ қадру манзалат ва арзиши аҳаммият дорад.

Тавре Пешвои миллат ибroз доштанд, "Осори ин ҷанги пурфоҷиа дар иқтисодиёту иҷтимоиёти мамлакат то ба ҳол бартарафа эҳсос мегардид. Наврасону ҷавонони мо бояд донанд, ки беш аз 150 ҳазор ҳалокшудагон, 55 ҳазор кӯдакони ятиммонда, қариб якуним миллион гурезаҳои иҷборӣ, садҳо ҳазор манзили истиқоматӣ, мактабҳо ва дигар иншооти иҷтимоии сӯхтаву харобгардида, тарки ватан кардани садҳо ҳазор мутахассисон, олимону донишмандон, аз ҷумла омӯзгорони соҳибтаҷриба натиҷаҳои харобиовари ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ мебошанд.

Инчунин, садҳо миллиард сомонӣ хисороти моддӣ ва даҳшатноктар аз ҳама, зарбаи ҷонкоҳи маънавӣ ба рӯҳу равони мардуми мамлакат зарари ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, ки аз ноогоҳии сиёсии мардум ва сӯиистифода аз зиёдаравӣ дар дину эътиқод ба сари давлати ҷавони тоҷикон омада буд.

Бинобар ин, ҳар яки мо вазифадорем, ки сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллии ба қимати ҷони даҳҳо ҳазор ҳамватанонамон бадастомадаро ҳифзу эҳтиёт кунем ва дар шароити бесуботи ҷаҳон барои ҳимояи Истиқлолу озодии давлат ва Ватани маҳбубамон ҳамеша кӯшишу талош намоем".

Бовар дорам, ки шумо ҳамкасбони азиз ҳамчун мубалиғони сиёсати пешгирифтаи давлату Ҳукумати кишвар дар таҳкими сулҳу субот, ҳифзи дастовардҳои Истиқлолият ва ободиву шукуфоии Ватани маҳбубамон, ки пеш аз ҳама, аз дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, бахусус, суханрониашон ба муносибати Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ бармеоянд, саҳми арзишманд мегузоред ва ба ин васила ватандӯсти ҳақиқӣ ва парчамбардори миллат будани хешро собит месозед. Тавре, ки шоир гуфтааст:

**Хуш Ватан баҳри ману ту,**
**Парчами нанг аст Истиқлол.**

Бо ҳамин орзуву ниятҳо бори дигар 34-умин солгарди Истиқлоли давлатии кишвари маҳбубамонро бароятон муборакбод мегӯям.

---

**"Мо як Ватан, як забон ва як модар дорем, ки номаш Тоҷикистон аст"**

**Эмомалӣ Раҳмон**

# ИН ВАТАНРО БЕШ АЗ ҲАРВАҚТА ДОРЕМ ДӮСТТАР

Бале, вақте мо калимаи ватанро мешунавем, чи гуна муқаддас ва дилнишину гуворо будани онро дар вуҷуди худ эҳсос мекунем. Дар ҳақиқат ватан барои ҳар як инсонӣ комил азизу муқаддас ва маҳбуб маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, ҳар як шахс бояд ватани худро дӯст дорад, зеро дар ин сарзамин ӯ чашм ба олами ҳастӣ кушодааст ва ин буму марз нишонае аз гузаштагони ӯ мебошад. Яъне ин шаҳодати он аст, ки мо бояд ватани азизи худро сидқан дӯст дорем ва онро чун гавҳараки чашм ҳифз намоем.

Ватандӯстӣ чист ва ватанро дӯст доштан чӣ маъно дорад, яъне зери ин мафҳум чӣ ниҳон аст, ки барои ҳар як фард аз ҳама муқаддастарини муқаддасот буданд ва ҳастанд?

Муҳаббат – ин ҳиссиётест, ки мо нисбат ба дилхоҳ объект ё субъект эҳсос мекунем. Инсон дар як вақт метавонад ватан, зан, модар, хонаи худ, шаҳри худ ва ғайраҳоро дӯст дорад. Аммо, ин – ҷоннисорӣ ва ё ранҷу азобро нисбати ягон касе ва чизе талаб намекунад. Ҳангоме, ки ба мафҳуми муҳаббат ҷонфидоӣ илова мегардад, он шакли гуворое мегирад, ки дар навбати худ онро мафҳуми ватандӯстӣ меноманд.

Ватандӯстӣ ин танҳо муҳаббат набуда, балки содиқ будан ба ватани худро намоиш додан аст. Яъне мо набояд аз муҳаббат фоида ҷӯем, зеро барои эҳсоси он ин худ кифоя аст. Агар мо ба ақидахои одамон такя намоем, мебинем, ки ҳар фард дар алоҳидагӣ мафҳуми




«ватан»-ро аз нуқтаи назари худ бо шаклҳои гуногун дарк мекунад, яъне дар вуҷуди ҳар инсон муҳаббат ба ватан мухталиф аст. Аммо ватандӯстӣ дар маҷмӯъ муҳаббат ба Ватанро тасвир мекунад. Ватан дар кадом ҳолате, ки набошад, новобаста аз ҳолат, вазъият мо бояд онро дӯст дорем ва барои он ҷоннисорӣ намоем. Ватандӯст дар ягон ҳолат намегузорад, ки нафари бегонае нисбати ватани ӯ таҳқир ва ё бадхоҳие кунад. Ватандӯстӣ ин ҳиссиёте аст, ки дигарон бояд онро эҳсос намоянд ва нафрат нисбат ба душманони Ватан ба он қувват мебахшад. Ватандӯстӣ ин танҳо эҳсос набуда, балки амал кардан низ мебошад. Яъне, фаъолияти ватандӯст ҷалби дигаронро ба амали ватандӯстӣ талаб менамояд. Дар ин ҳолат ватандӯстӣ ба як вазифаи умумӣ табдил ёфта, муттаҳидшавиро талаб менамояд.

Ватандӯстӣ дар қалби инсон аз хурдсолӣ ҷой дода мешавад: тарбия дар оила (муҳаббат ба падару модар ва калонсолон), дар мактаб (муҳаббат ба омӯзгорон) дар ҷомеа арҷгузорӣ ба тамоми инсонҳо ва ба сарзамине, ки мо онро ватан меҳонем новобаста аз шарту шароит.

Ин аст ватандӯстӣ, лекин дар ҷомеа баъзе шахсиятҳо ба монанди ҳизби дар Тоҷикистон мамнуи наҳзати исломии Тоҷикистон, ки сабабгори асосии ҷанги шаҳрвандии кишвар дар солҳои 90-уми асри гузашта буд, гурӯҳи 24 ва дигар нафароне, ки ба гурӯҳҳои экстремистӣ шомил шудаанду дар хориҷи кишвар зиндагӣ доранд, аз гул-гулшукуфии Тоҷикистони соҳибистиқлол, ҳастии миллати тоҷик шукрона накарда, дар назди ҷомеаи ҷаҳонӣ ба бадхоҳиву бадгӯии Тоҷикистони азиз, миллати он ва пеш аз ҳама, роҳбарияти кишвар, ки шабу рӯз дар фикри беҳдошти рушди Тоҷикистон ва зиндагии хуррами мардуми тоҷик мебошанд, машғуланд. Ҳол он ки ватандӯстиро бо сухан не, дар амал татбиқ кардан лозим, на ин ки ба хоҷагони хориҷии худ, ки мақсадашон танҳо тухми кинаву нафрат ва оташи ҷангро дар байни ҷомеаи ҷаҳонӣ коштан аст, такя намуда, дар дил нисбати ватани азизи худ, ки дар он модари тоҷик туро ба дунё овардааст тарбия намудааст, кинаву адоват парваред.

Аз нуқтаи назари илмӣ тафаккури инсонӣ чунин офарида шудааст, ки инсони комил ва сарсупурдаи миллат нафарони бадхоҳу кинапарвар ва душмани ватану миллатро дар кӯтоҳтарин вақт ҳамчун вабо аз ҷомеа дур карда барои дигар хуруҷ накардан ба табобати он машғул мешавад. Аз ин рӯ, душманону бадхоҳони Тоҷикистону тоҷикистониён бояд донанд, ки миллати тоҷик ҳеҷ гоҳ пой бар болои арзишҳои волои давлату давлатдорӣ, ба он ҷонфидоиҳое, ки фарзандони фарзонаи миллат барои баркарор намудани сохти конститутсионӣ дар давраи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ кардаанд ва он ранҷу заҳматҳое, ки фарзанди фидокори миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои аз хориҷи кишвар баргардонидани ҳаммилатони мо, ки бо гуноҳи душманони миллат ба ҷумҳуриҳои ҳамсоя гуреза шуда рафта буданд ва барои баркарор намудани сулҳу субот дар кишвар кашида буд, намегузорад.

Ватандӯстию миллатдӯстӣ ва ҷавонмардиро мо бояд аз Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон омӯхта, суханҳои Сарвари муаззами миллатро нисбати ватандӯстӣ дар қалби ҳар фарди ҷомеа ҷой кунем. Зеро дар кӯтоҳтарин муҳлат бо заковати баланди кордонӣ ва қалби пур аз ватандӯстию миллатдӯстӣ, нияту амалҳои неки худ тавонистанд, ватандӯстиро дар қалби ҳар як фарзанди асил ва бонангу номуси миллати тоҷик ҷой кунонда, оташи ҷанги таҳмилии шаҳрвандиро дар кишвар хомӯш кунонда сулҳу оромиро дар Тоҷикистон барқарор кунад. Қалби пур аз ватандӯстӣ аст, ки Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳар нафаси ҳаёти худро баҳри ободии сарзамини ҳамешабаҳор, хушхолии ҳар як хонадон ва ояндаи неку дурахшони Тоҷикистони азиз сарф мекунанд.

Аз ин рӯ, ҳар як фарди бонангу номуси миллати тоҷик бояд шукронаи Тоҷикистони азиз, сулҳу субот, ободии ин диёрро карда, фарзандони худро дар руҳияи ватандӯстӣ, арҷ гузоштан ба арзишҳои миллию умумибашарӣ ва ҷоннисорӣ дар роҳи ҳимояи ватан аз душман, тарбия намояд.

**Насриддинзода Мирзомуддин Шамсиддин, муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим ва идораи сифати таҳсилот**

## ИСТИҚЛОЛИЯТ

**Чист озодӣ? Ҳадиси бахту пайки шодӣ аст,**
**Номаи осудагиву муждаи ободӣ аст.**
**Чун баҳор аст, аз сахояш сабз шаҳру водӣ аст,**
**Беҳтарин неъмат барои одамӣ озодӣ аст.**

**Ҷилвагар дар боми ҳастӣ парчами иқболи мост,**
**Рӯйсурхиҳои мо аз файзи Истиқлоли мост.**

**Ворисӣ Хайёму Сино, халқи пурнангем мо,**
**Соҳиби таъриху ганҷи илму фарҳангем мо.**
**Сулҳҷӯи номдору душмани ҷангем мо,**
**Тори бо сози ҳама дунё ҳамоҳангем мо.**

**Ҷилвагар дар боми ҳастӣ парчами иқболи мост,**
**Рӯйсурхиҳои мо аз файзи Истиқлоли мост.**

**Дар диёри обҳои тоза моро манзил аст,**
**Хоки саҳрои умеди халқи мо пурҳосил аст.**
**Пешвои миллати мо оқилу соҳибдил аст,**
**Абр кай аз қибла хезад, шоҳ агарки одил аст.**

**Ҷилвагар дар боми ҳастӣ парчами иқболи мост,**
**Рӯйсурхиҳои мо аз файзи Истиқлоли мост.**

**Муҳаммад Ғоиб,**
**Шоири халқии Тоҷикистон**



## ПОЙДОРИ ВАҲДАТЕМ

**Мо ҷавонони замон,**
**Бо ливои ковиён.**
**Бо суруди ориён,**
**Бо нишони ахтарон.**

**Пойдори Ваҳдатем,**
**Ҷоннисори миллатем.**
**Мо ҷавонони Ватан,**
**Пояи ин давлатем.**

**Кӯҳи мо бар мо сипар,**
**Хоки мо ганҷу гуҳар.**
**Қатраи оби Ватан,**
**Дар даҳони мо шакар.**

**Пойдори Ваҳдатем,**
**Ҷоннисори миллатем.**
**Мо ҷавонони Ватан,**
**Пояи ин давлатем.**

**Пайравони Сарварем,**
**Кошифи баҳру барем.**
**Дар набарди зиндагӣ,**
**Коваи оҳангарем.**

**Пойдори Ваҳдатем,**
**Ҷоннисори миллатем.**
**Мо ҷавонони Ватан,**
**Пояи ин давлатем.**

**Файзи Истиқлоли мо,**
**Шӯҳрату шаҳболи мо.**
**Манбаи нуру зиё,**
**Бахти мо, иқболи мо.**

**Пойдори Ваҳдатем,**
**Ҷоннисори миллатем.**
**Мо ҷавонони Ватан,**
**Пояи ин давлатем.**

**Алиакбари САФАР, табиб**

# УСТОД ВА ШОГИРДИ НАЗАРКАРДА

*Чӣ тавре ки падару модар нисбат ба фарзанди худ меҳру муҳаббати зиёд дошта, дилсӯзу ғамхор мебошанд, устоди ҳақиқӣ низ нисбат ба шогирд чунин аст. Шогирд низ нисбат ба устод ҳамчун фарзанд ба ҳисоб меравад, ҳатто дарояндаи дурахшони шогирд ҳиссаи устод нисбат ба падараш чанд маротиба боло меистад. Аз ин нуқтаи назар оид баояндаи дурахшон гуфтанием, ки бештари вақт ҳамон шогирдони зираку доно ва меҳнатдӯсту дурбин шогирдони назаркардаи устод шуда метавонанд.*

Дар ин атроф мо мехостем якчанд мисолҳо, хусусан доир ба шогирдони назаркардаи устод гуфта бошем.

Сарвари давлати мо Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомолӣ Раҳмон қаҳрамоне ҳастанд, ки ҳеҷ вақт некиҳо ва хизматҳои шоёнашон аз ёди касе намеравад, абадзинда боқӣ хоҳад монд.

Маҳз Ҷаноби Олӣ, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон бо далерию шуҷоат, ҷаҳду талош ва заҳматҳои шабонарӯзиашон мардумро аз марг наҷот дода, бо сулҳи ҳаётбахшу бахтовар таъмин намуданд. Чунин қаҳрамонию ҷонбозиҳоро ки аз натиҷаи он тамоми мардуми шарифи Тоҷикистон имрӯз хушбахту хушнуданд, соҳиби забон ва миллат ҳастанд, на ҳар кас метавонист, чунин корҳоро ба анҷом расонад. Фақат шахсе тавонист, ки вай шогирди назаркардаи устод мебошад. Маҳз ба сабаби шогирди назаркардаи устод буданашон Президенти маҳбуби кишварамон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба унвони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ –Пешвои миллат сазовор гардида, шӯҳрати ҷаҳонӣ пайдо карданд.

Шогирди назаркардаи устод ин пеш аз ҳама, бо ҳушёриву доноӣ ва зеҳни тезу ситораи гарм, эҳтиромдорию одоби ҳамидааш дар дилу дидаи устодаш ҷой гирифтааст ва устод ба ӯ ҳамеша ба дили пур аз меҳр менигарад. Дар ин бобат мехостам ду ҳикояте мисол биёрам, ки далели гуфтаҳои болоанд.

Дар деҳае устоде ба шогирдон дарс медод ва ӯ ба яке аз шогирдон бо майлу таваҷҷӯҳи зиёд менигарист. Чунин амал ба шогирдони дигар писанд наомада, онҳо аз рашк байни худ ҳар чиз мегуфтанд. Ва устоди зираку доно инро пай бурда, барои аз байн дур кардани рашк ба бачаҳо мефармояд, ки ҳар кадоматон мурғеро ёфта, дар ҷойи пинҳоне, ки касе набинад, сарашро бурида ба ман оред. Ҳамаи шогирдон ин супоришро ба ҷо оварда мурғи сарбуридаро ба назди устод меоранд. Фақат он шогирде, ки ба вай устод назари хосса мекард, мурғро зинда ба назди устодаш овард. Устод сабаби зинда овардани мурғро пурсид ва шогирд дар ҷавоб гуфт: Шумо устод фармудед, ки мурғро дар ҷойи хилвате, ки касе набинад, кушта оред. Аммо ман ҷойи хилватеро ёфта натавонистам. Дар ҳар ҷойе, ки ман беодаму хилват гуфта, сари мурғро буриданӣ мешудам, медидам, ки дар болои сарам Худованди меҳрубон нигариста истодааст ва дар таҳти назорати Худованд ман чӣ тавр метавонистам, сари мурғро бурам? Баъди ин суханҳо устод ба ӯ офарин хонд ва шогирдони дигар низ ба ӯ офаринҳою муборакбод гуфтанд ва ин шогирд бо унвони Ҳазрати Имоми Аъзам бузург гардиданд.

Ҳикояти дигар чунин аст:

Шоҳ Ҳусейн Бойқаро ҳангоми болои асп рафта истоданаш дар канори роҳ назараш ба писарчаи бозӣ карда истода меафтад. Писарча дасташ пеши бар ба Шоҳ салом медиҳад. Ҳусейн Бойқаро ба саломи писарча алек гирифта, гузашта меравад. Аммо вазири шоҳ- Алишери Навоӣ, ки ҳамроҳи шоҳ мерафт, аз асп фаромада, бо он писарча вохӯрӣ карда ҳолпурсӣ мекард ва боз гашта ба аспаш савор мешавад. Чунин амалу рафтори вазир Алишери Навоӣ ба шоҳ Ҳусейн Бойқаро чандон писанд намеояд ва аз ӯ мепурсад: Чаро Шумо ба ин кӯдак инқадар илтифот намудед? Ин рафторатон ба мансаби вазирӣ чандон муносиб нест. Ба ин саволи Шоҳ Ҳазрати Навоии бузург аз амир узр пурсида, сабаби писарчаро ин қадар эҳтиром карданашонро мегӯянд:

-Ин писарча фарзанди устоди азизу бузургворам Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ мебошад. Ман ба ҳафт пушти авлоди устодам таъзиму эҳтиром кунам ҳам кам аст. Дар ҷавоб Ҳусейн Бойқаро мегӯянд: Шумо дар ҳақиқат ҳам шогирди назаркардаи устод ҳастед ва эҳтироми ниҳоят самимии устодамон Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ нисбат ба Шумо беҳуда набудааст.

Ана, ҳамин тавр ҳамаи он шогирдони назаркардаи устод шахсони бузургу шӯҳратманд гаштаанд. Аз ҷумлаи онҳо Сарвари давлати мо, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошанд. Далели дигари шогирди назаркардаи устод будани Сарвари давлати мо, Эмомалӣ Раҳмон он аст, ки он кас ба тамоми бузургони гузаштаи миллати мо эҳтироми беандоза сидқию самимӣ доранд ва дар ҳаққи онҳо асари бузурге бо унвони “Чеҳраҳои мондагор” таълиф намудаанд.

Дар охири сухан мо метавонем ба хулосае биёем, ки дар васфи омӯзгор ҳам олимони соҳаи дин ва олимони соҳаҳои дунявӣ ақидаҳои зиёди худро пешниҳод карда, дар ҳама ҷо қадру манзалати устод, омӯзгорро дар madди аввал гузоштаанд. Тавре шоир гуфтааст:

**Қадри устод аз падар беш аст,**
**В-аз падар устод дар пеш аст.**

Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ дар достон зимни образҳои Искандар ва Арасту муносибати устоду шогирдро бо камоли маҳорат нишон додааст. Адиб таъкид менамояд, ки ҳар як кас бояд ҳурмату эҳтироми устод, омӯзгорро нигоҳ дорад.

Арасту рӯзе аз Искандар мепурсад, ки агар дар оянда подшоҳ шавӣ, ба ман чӣ хел муносибат мекунӣ?

Искандар чунин ҷавоб медиҳад:

**Бигуфто, ки бошад**
**туро бартарӣ,**
**Бари ман ба**
**миқдори фармонбарӣ...**
**Ба тоат туро то қадам**
**пештар,**
**Бувад қадри ту пеши**
**ман бештар.**

Аз ин порчаи боло маълум мегардад, ки Искандар устодашро дар амру фармони подшоҳӣ баробар ва ҳатто аз худ бештар ҳисоб мекардааст.

Дар ҳақиқат, Искандар ҳурмату эҳтироми устодашро то охири умр ба ҷо овард. Бо маслиҳати ӯ ва дигар ҳакимон давлати бузургашро идора мекард. Боре як нафар аз Искандар мепурсад, ки чаро ӯ муаллими худ Арастуро аз падар беш ҳурмату эҳтиром мекунад?

Искандар дар ҷавоб:

**Бигуфто: Зад ин нақши**
**обу гилам,**
**В-аз он тарбият ёфт ҷону**
**дилам.**
**Аз ин шуд тани ман**
**пазирои ҷон,**
**В-аз он омадам**
**зиндаи ҷовидон.**
**Аз ин по кушодан**
**зи қайди адам,**
**В-аз он рӯ ниҳодам ба**
**мулки қидам.**

Мавлоно Ҷомӣ талаб мекунад, ки ҳар касе, ки муаллим дорад, то охири ҳаёташ бояд устодони худро ҳурмату эҳтиром кунад. Қадри муаллим аз падар ҳам зиёдтар аст. Зеро муаллим ба ӯ таълим медиҳад, ҳунару фарҳанг меомӯзонад ва ба шогирд бахту саодат мебахшад. Ҷомӣ афкори пешқадамро зимни образи шоҳи муқтадир — Искандар инъикос намудааст. Ин ақидаи шоир то одаму олам аст, завол намеёбад, зеро чунон ки Мавлоно Ҷомӣ мегӯяд:

**Агар дар ҷаҳон набвад**
**омӯзгор,**
**Шавад тира аз бехирад**
**рӯзгор!**

Инак, дар охир гуфтанием, ки ҷомеа ҳамеша ба омӯзгор ниёз дорад ва ҳурмату эҳтироми муаллим баланд аст. Андешаҳои Мавлоно Ҷомӣ нисбати омӯзгор, имрӯз ҳам қимати баланди таълимию тарбиявӣ дошта, барои инкишофи маънавиёти ҳар як фарди ҷомеа мусоидат мекунад.



**Алишер Собирҷонов,**
**мудири кафедраи молия**
**ва қарзи Донишгоҳи**
**технологии Тоҷикистон**
**н.и.и., и.в., дотсент**

# КОРНОМАИ БЕНАЗИРИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

*Таърих дар саҳифаҳои худ тамоми ҳаводиси инсониятро нигоштааст. Баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ 9 –уми сентябри соли 1991 Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқлолияти хешро эълон карда, ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ муаррифӣ гардид. Рӯйдоди муҳимми дигари кишвар ин буд, ки 2 –юми марти соли 1992 Тоҷикистон ба узвияти Созмони Милали Муттаҳид пазируфта шуд.*

Мутаассифона, аз моҳи майи соли 1992 бо таъсири неруҳои иртиҷоӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба гирдоби ҷанги шаҳрвандӣ кашида шуд. Ҳазорон нафар одамони бегуноҳ кушта шуда, беш аз як миллион нафар ба кишварҳои ҳамсоя гузеза шуданд.

Аммо миллати қавиироdaю, покнажоди тоҷик бори дигар собит намуд, ки бо доштани фарзандони фарзонаи худ номи миллаташро муаррифӣ менамояд. Хушбахтона, моҳи ноябри соли 1992 дар шаҳри бостонии Хуҷанд Иҷлосияи таърихии XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид. Ин Иҷлосия тақдирсоз буд, зеро ояндаи кишварро маҳз ин ҷаласа ҳаллу фасл месохт. Дар Иҷлосия фарзанди фарзонаи миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардид. Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо тамоми азму ирода ва талошу матонат тавонист миллатро аз вартаи нобудӣ раҳонад. Ӯ тамоми кӯшишу ғайрат ва талошҳои худро баҳри хомӯш кардани оташи ҷанги шаҳрвандӣ, расидан ба сулҳу суботи комил ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон равона кард. Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо талошҳои пайгирона ва сиёсати хирадмандонааш ба кишвари мо сулҳу ваҳдат овард ва 27- уми июни соли 1997 дар шаҳри Москваи Федератсияи Русия Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ба имзо расид.

Тоҷикистон зери сиёсати оқилонаи фарзанди фарзонаи миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бунёди давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона таҷрибаи комил ба даст оварда, аз ҷониби бонуфузтарин созмонҳои ҷаҳонӣ ва давлатҳои хориҷӣ шинохта шуд. Пайваста ташаббус ва пешниҳодҳои Сарвари давлати мо аз қабили Соли "Оби тоза", даҳсолаи амалиёт "Об барои ҳаёт", "Об барои рушди устувор" аз хатарҳои глобалӣ эмин нигоҳ доштани сайёра дар сатҳи ҷаҳонӣ пазируфта шуданд. Дар заминаи иқдомҳои наҷиби Президенти мамлакат, Раиси шаҳри Душанбе, Президенти Федератсияи футболи Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ 25-уми майро Рӯзи ҷаҳонии футбол пешниҳод кард ва он аз ҷониби кишварҳои олам пазируфта шуд.

Ҷумуҳурии Тоҷикистон бо доштани миллати фарҳангдӯсту қавиирода ва Роҳбари оқилу хирадмандаш ҳамеша заҳмату талош кард, ки обрӯву нуфузи кишвар дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам бештар гардад. Президенти мамлакат барои эҳёи таъриху тамаддуни кишвар ҷонбозиҳои зиёд намуд. Моҳи сентябри соли 1999 дар арафаи ҷашни Истиқлоли давлатӣ 1100- солагии давлати Сомониён ҳамчун арзиши гаронбаҳои мероси таърихӣ дар сатҳи байналмилалӣ ботантана таҷлил карда шуд. Ҳамчунин, 30-юми сентябри соли 1999 Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи 18-уми иҷлосияи 54-уми Созмони Милали Муттаҳид раисӣ намуд.

Дар як вақти кӯтоҳи таърихӣ миллати тоҷик дар саросари кишвараш Парчами Истиқлолу озодӣ ва суботро парафшон намуд. Алҳол фазои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангии Тоҷикистон комилан тағйир ёфтааст. Ҳамаи шаҳрвандони Тоҷикистон хушбахту саодатманданд. Онҳо озодӣ, истиқлол ва хушбахтии комилро ба даст овარданд. Имрӯз барои ҷавонони кишвар тамоми шароитҳои мусоид фароҳам аст, пиру барно шукрона мекунанд, ки зиндагии орому осуда ва пурфайзу бобаракат доранд. Яъне тамоми хушбахтиву саодатмандӣ ва ифтихору пирӯзии миллати мо аз ваҳдат маншаъ мегирад. Аз ин рӯ, хурду бузург шукри Истиқлоли кишвар намуда, ифтихор мекунанд, ки Пешвои оқилу хирадманд ва сулҳдӯсту сулҳпарваварр доранд.

**Муслимзода Ҳайдар Абубакр,**
**и.в. мудири кафедраи забони тоҷикии ДТТ, н.и.ф., дотсент**

# ТАРБИЯИ ДУРУСТ ВА ДАРКИ МАСЪУЛИЯТШИНОСИИ ҶАВОНОН ДАР ҶОМЕАИ МУОСИР

*Тарбияи насли наврас, махсусан ҷавонон, яке аз масъалаҳои муҳимми ҳаёти инсон маҳсуб ёфта, аз таблиғ ва омӯзиши дурусти он пешрафти тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии ҷомеаи муосир вобастагии калон дорад.*

Яке аз сарчашмаҳои таъсирбахш ба тарбияи дурусти насли муосир дар кишвар ин Консепсияи миллии тарбия мебошад. Он сиёсати кунунӣ ва дурнамои давлатро дар соҳаи тарбияи миллии оммаи васеи аҳолӣ, махсусан насли наврас, таълиму тарбияи фарзанд муайян месозад. Консепсияи мазкур моҳият, мақсаду вазифаҳо ва мазмуни тарбияи миллиро дар марҳилаи нави таърихӣ ба танзим дароварда, нақш ва мақоми онро дар ташаккули шахсияти инсони комил муайян мекунад, ки яке аз вазифаҳои муҳимми имрӯзу ояндаи давлат ва ҷомеа дониста мешавад.

Консепсияи миллии тарбия бо дарназардошти хусусиятҳои фарҳангӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоии миллат, инчунин дар раванди шахсиятсозии ҷавонон ва наврасон, ки баҳри рушду тараққиёти ояндаи кишвар муҳим мебошанд, нақши калидӣ мебозад. Ин консепсия метавонад як раванди дарки арзишҳои миллӣ ва мафҳумҳои муосирро дар ҷомеа нишон диҳад, ки барои таҳкими оромии ҷомеа ва ташаккули шахсияти дуруст, ки арзишҳои ахлоқӣ ва иҷтимоии муносибатро дар назар дорад, хеле муҳим мебошад. Ин амал, агар аз як тараф, ба кам шудани сатҳи ҷиноят дар байни наврасону ҷавонон мусоидат кунад, аз ҷониби дигар, ба риоя гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак" оварда мерасонад. Дар ин бора дар яке аз суханрониҳояшон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба таъкид чунин иброз доштанд: "Имрӯз, ки мо зери парчами Ватан ва давлати соҳибистиқлол гирд меоем, бояд, пеш аз ҳама, ҷавонони мо мазмуну моҳияти арзишҳои истиқлолият, худшиносӣ, ифтихори миллӣ ва ваҳдату ягонагии миллатро аз худ намоянд".

Навиштаҷоте, ки дар дарвозаи Донишгоҳи Стелленбоши Африқои Ҷанубӣ овехта шудааст, ба насли донишомӯз ҳушдори амиқе медиҳад ки: "Нест кардани ҳар миллате ба истифодаи бомбаҳои ҳастаӣ ё истифодаи мушакҳои дурпарвоз ниёз надорад. Он танҳо мунҷар ба коҳонидани сатҳи таълим аст ва таввасути донишҷӯён додани иҷозати фиребу тақаллуб дар имтиҳонот таҳқиқ мепазирад. Онгоҳ натиҷа ба ин минвол хоҳад буд: Беморон аз дасти чунин пизишкон мемиранд. Биноҳо аз дасти чунин муҳандисон фурӯ мерезанд. Пул дар дасти чунин иқтисоддонон ва ҳисобдорон гум мешавад. Одамгарӣ аз дасти чунин "донишварон"-и дин мемирад. Адолат аз дасти чунин доварону қозиён зоеъ мегардад. Суқути низоми омӯзиш-суқути миллат аст". Ба ҳамин мазмун аз нахуствазири кишвари Ҷопон пурсон шуданд, ки чӣ гуна онон ба чунин пешрафте даст ёфтанд ва дар маҷоли фановарӣ (технология) ва илм пешсафи ҳама ҷаҳониён гаштанд?

Посух додааст: «Мо ба омӯзгор моҳонаи вазир, масъулияти дипломат ва обрӯи императорро додем ва ин аст натиҷааш».

Дар ҷомеаи имрӯз эҳтиром ва истифода аз дониши омӯзгор барои бархе аз насли навраси донишомӯз ба як воситаи риояи ахлоқӣ табдил наёфтааст ва барои баъзе аз онҳо ин арзиш то ба ҳол норавшан аст. Дар ин баробар ҷавонони эҷодкор, бонангу номус, ватандӯсту ватанпарвари зиёде низ ҳастанд, ки воқеан ҳам тафаккури созанда доранд, метавонанд дар тақдири ояндаи давлату миллат ва ҷомеа саҳмгузор бошанд.

Тавре Президенти маҳбуби кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд менамоянд: «Ҷавонон бояд сабақҳои истиқлолиятро ҳамаҷониба омӯзанд, аз равандҳои сиёсати имрӯзаи кишвар огаҳ бошанд, таърихи гузаштаву ҳозираи халқи худро гаштаю баргашта аз худ карда, аз Ватан, миллат, забон ва фарҳанги худ ифтихор намоянд». Сарвари давлат ба ин мазмун ёдовар мешавад, ки маҳз ҳамин истиқлолияти давлатӣ буд, ки барои рушду ташаккулёбии ҷаҳонбинӣ ва тафаккури созандаи онҳо ҳамчун нерӯи пешбарандаи ҷомеа тадбирҳои зиёде ба тасвиб расиданд, ба мисли Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон», «Консепсияи миллии сиёсати давлатии ҷавонон», «Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон то соли 2020» ва ғайра.

Ҳамаи ин санаду барномаҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки таваҷҷуҳи давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин қишри иҷтимоии ҷомеа ҷиддист. Тарбия намудани ҷавонон дар руҳияи эҳтиром ба анъанаҳои миллӣ, расму оини пешқадами ниёгон ва мероси ахлоқии гузаштагон, яке аз талаботи асосии барномаҳои болозикр мебошад. Бузургону хирадмандони тоҷик бо заҳмату талоши пайвастаашон тавонистанд, ки бароямон як фарҳанги волою ғанӣ ва инсонсозро ба мерос гузоранд. Ин фарҳанг чун ҳикмати ҳаётӣ саропо хайр аст, парчами хирадварзӣ, башардӯстӣ, эътиқод, сулҳу дӯстӣ ва ободию осудагӣ фаровонии неъматҳои зиндагист. Ҳамчунин ин фарҳанг шиносномаи миллии мост, ки тавассути он чеҳраи аслии анъанаю суннатҳои миллии мо, бузургии ҷашнҳои бостонии моро ҷаҳониён эҳсос ва дарк менамоянд. Ҷашнҳои арзишманди миллии тоҷикон баёнгари тафаккури таърихӣ, симои маънавӣ, орзую ормон, расму оин, ҷаҳонбинию ҷаҳоншиносии онҳоянд.

Тавре аз гуфтаҳои боло бармеояд, бояд тамоми аҳли ҷомеа дар руҳияи худогоҳӣ, хештаншиносӣ, ватандӯстӣ ва эҳтироми арзишҳои умумиинсонӣ тарбия намудани наврасону ҷавонон саҳмгузор бошанд, танҳо дар чунин ҳолат мо ба ҳадафҳои аслии камолоти наврасону ҷавонони тоҷик ноил хоҳем шуд.

**Фаррух МАҶИДОВ,**
**муаллими калони кафдераи менеҷменти инвеститсионӣ ва маркетинг**

# ТАРБИЯИ ҶАВОНОН ДАР РУҲИЯИ ВАТАНДӮСТИВУ ХЕШТАНШИНОСӢ

**Дар қалби ҷавонон ҳамчун қувваи асосии пешбарандаи ҷомеа бедор намудани ҳисси ватандӯстиву ватанпарастӣ, арҷгузорӣ ба забон, таъриху фарҳанг ва тамаддуни миллӣ, баланд бардоштани нақш ва мавқеи онҳо дар ҷомеа аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимми давлату Ҳукумат мебошад.**

**Эмомалӣ Раҳмон**

Ҷавонон ояндасози ҷомеаанд. Боиси хурсандист, ки қисми зиёди аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҷавонон ташкил медиҳанд ва саҳми ин қувваи бузург дар пешрафт ва ободию шукуфоии Ватани маҳбубамон-Тоҷикистони соҳибистиқлол хеле арзишманд аст.

Вазъи носозгори ҷаҳон ҳушдор медиҳад, ки ин қувваи бузурги ҷомеа бояд дар руҳияи ватандӯстӣ, хештаншиносӣ, хайрхоҳӣ тарбия ёфта, рушд намоянд. Барои тарбияи дурусти ҷавонон, ки таҳти барномаи иқтисодию иҷтимоӣ сурат мегирад аҳли ҷомеа бетарафӣ набояд зоҳир намояд.

Тавре аз тариқи расонаҳои хабарӣ, маҷлису машваратҳои шахсони масъулиятшинос, суханрониҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бархурдорем, имрӯзҳо на ҳамаи ҷавонон соҳиби маърифатанд. Сатҳи хештаншиносии бархе аз онҳо коста гашта, зуд ба доми фиреби шахсони ҷоҳилу ифротгаро меафтанд.

Пас чӣ бояд кард?

Моро зарур аст, ки барои шахсони воқеан манфиатнок камол ёфтани ҷавонон аз зиндагии шахсони соҳибэҳтиром намуна орем. Бо меҳнати ҳалол нон ёфтанро талқин намоем. Барои шомил нашудани ҷавонон ба равияҳои террористиву экстремистӣ аз ҳама роҳу усулҳои самаранокии тарбия истифода намоем.

Албатта, заҳматҳои Пешвои муаззами миллат ва аҳли ҷомеа дар тарбияи наврасону ҷавонон самараи хуб дода истодаанд. Натиҷаи чунин заҳмату кӯшишҳост, ки сафи ҷавонони бонангу номус, оқилу доно, ватандӯсту соҳибмаърифат дар ҷумҳуриямон рӯз рӯз зиёдтар гардида истодааст. Бо вуҷуди ин, баъзан ҳолатҳоеро дучор омадан мумкин аст, ки шахсони бемаърифату гумроҳ бо рафторҳои номатлуби хеш боиси сархамии аҳли ҷомеаи маърифатнок мегарданд. Бинобар ин, ҷавононро лозим аст, ки аз ақли солим истифода бурда, барои худ зиндагии шоиста созанд. Бо меҳнати ҳалол ризқу рӯзӣ ёфта, сарбаландона зиндагӣ намоянд. Зеро фармудаанд: Одамият чист? Худро дур аз Шарр доштан, Хайрхоҳи халқ будан нафъи безар доштан.

**Фарангис НУРОВА,**
**омӯзгори МДТ – и Литсейи инноватсионии Душабеи назди ДТТ**

# ҲИФЗИ ПИРЯХҲО



*Пиряхҳои Тоҷикистон натанҳо манбаи бузурги оби дарёҳои Осиёи Марказӣ ба шумор меравfamiliar, балки дар нигоҳдории устувории иқлими минтақа нақши калидиро иҷро намуда, барои ҳифзи иқлими глобалӣ низ аҳаммияти муҳим доранд.*

*Эмомалӣ Раҳмон*

Яке аз мушкилоти глобалӣ, ки тамоми ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш овардааст, ин обшавии босуръати пиряхҳо мебошад, ки ин ҳодиса вобастагии калон дорад ба гармшавии иқлим ё худ фаъолияти нодурусти инсон нисбат ба захираи бузурги пиряхҳои сайёраи Замин.

Пиряхҳо барои аҳолии ҷаҳон захираи бузурги обҳои нӯшокӣ ба ҳисоб рафта, 1,6%-и таркиби қабати обии Заминро ташкил медиҳанд ва аз ҳисоби боришоти атмосферӣ ғизо гирифта, ҳаҷми онҳо калон мешавад. Пайдоиши пиряхҳо дар қабати Хионосфера (аз немисӣ Хионбарф) зери ҳарорати ҳавои паст чунин сурат мегирад:

Дар раванди пайдоиши пирях барф аввал ба фирн (немисӣ – барфи кӯҳна) сипас ба ях мубаддал мешавад: барф- фирн- ях.

Дар замони ҳозира майдони умумии пиряхҳо дар сатҳи Замин 16 млн км$^2$-ро ташкил карда, 99 %-и он ба арзҳои қутбӣ мувофиқ меояд, ки ин Арктика ва Антарктидаро дар бар мегирад. Дар натиҷаи гармшавии босуръати иқлим ҳаҷми онҳо коҳиш ёфта, бисёре аз онҳо рӯ ба нестӣ овардаанд.

Бояд қайд намуд, ки кӯҳҳои осмонбӯси Тоҷикистон манбаи бузурги пиряхҳо мебошанд. Масоҳати умумии пиряхҳо тақрибан 8,5 ҳазор км$^2$ буда, қариб 6 %-и сарзамини ҷумҳуриро ташкил медиҳанд, ки ҳаҷми онҳо дар натиҷаи тағйирёбии иқлим ва гармшавии ҳаво кам шуда истодааст. Аз ин рӯ, ташаббусҳои ҷаҳонӣ ва таъкидҳои доимии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар масъалаи обу иқлим, аз ҷумла доир ба масоили ҳифзи пиряхҳо ва манбаву сарчашмаҳои оби тоза дар тамоми ҷаҳон тарафдорон ва ҳамфикрони зиёде пайдо намуда, ҳалли ин масъалаи муҳимро дар мадди аввали ҷомеаи ҷаҳонӣ гузоштаанд. Хушбахтона, 14-уми декабри соли 2022 Маҷмааи умумии Созмони Милали Муттаҳид зимни иҷлосияи 77-уми худ қатъномаро дар бораи эълон намудани соли 2025 Соли байналмилалии ҳифзи Пиряхҳо, ки аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбарӣ шуда буд, якдилона қабул намуд. Ин ташаббуси панҷуми Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро 153 давлати аъзои ин Созмон ҷонибдорӣ намуд ва дар асоси он рӯзҳои 29-30 майи соли 2025 дар шаҳри Душанбе Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба ҳифзи пиряхҳо баргузор гардид.

Маврид ба зикр аст, ки Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряхҳо ҳамасола дар ҷаҳон 21-уми март таҷлил карда мешавад. Инчунин масъалаи обшавии пиряхҳо, ки ҳамчун захираи бузурги обҳои нӯшокии сайёраро ташкил медиҳанд, ба мушкилоти рақами яки ҷомеаи ҷаҳонӣ табдил ёфтааст.

Сабаби обшавии пиряхҳо, пеш аз ҳама, тағйирёбии иқлим аст. Нишона ва оқибатҳои обшавии пиряхҳо обхезӣ, туфонҳо, баландшавии сатҳи оби баҳру дарёҳо ва зери об мондани давлату минтақаҳои назди соҳили укёнусу баҳрҳо мебошад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ 23 декабри соли 2023 иборахои "Иқлими сабз" ва "Сабзазорнамоии сросарӣ"-ро баён намуданд, ки тадбирҳои стратегӣ ба шумор мераванд. Иқтисоди "Сабз", энергияи "Сабз", кам гаштани партови газҳои химиявӣ ба ҳавои атмосфера каме ҳам бошад пеши роҳи гармшавии иқлимро мегирад.

Тағйирёбии иқлим ва обшавии Пиряхҳо дар саросари ҷаҳон ҷомеаи ҷаҳониро водор месозад, ки ба ҳавои Атмосфера партови газҳои химиявӣ, махсусан дуоксиди карбон (CO2) бояд кам карда шавад, чунки сабаби асосии гармшавии иқлим ва обшавии босуръати пиряхҳо маҳз ҳамин газҳо ба ҳисоб мераванд. Агар аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ мувозинати партовҳои химиявӣ ва ворид шудани онҳо ба Атмосфера нигоҳ дошта шавад, минбаъд мо метавонем пеши роҳи тағйирёбии иқлим ва обшавии пиряхҳоро гирем.

Аз ин рӯ, аз ҷомеаи ҷаҳонӣ даъват ба амал меорем, ки барои ҳифзи ҳамаҷонибаи пиряхҳо (дар ояндa) пеш аз ҳама баланд бардоштани маърифати экологии сокинони сайёра, шинондани ниҳолҳои ҳамешасабз ва кабудизоркунии доманакӯҳҳоро ба роҳ монем ва ба ин восита каме ҳам бошад хавфи биёбоншавии минтақаҳо ва обшавии босуръати пиряхҳоро гирифта тавонем.

**Ҷ. ЁРОВ,**
**омӯзгори фанни географияи кафедраи гуманитарии ДТТ**

## Сканворд




МУАССИС: Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР Раҷабалӣ Шарифов

Ба ҳафтанома муаллифон метавонанд бо се забон: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ мавод пешниҳод намоянд.

Ҳайати таҳририя:
Раҳмонзода З.Ф., Насриддинзода М. М., Яминзода З.А., Икромӣ Х.И., Тошматов М.Н., Сафарзода Ғ. Ғ., Ғаффорзода Ф.М., Шарифзода И.У.

Нишонии мо:
734061- ш. Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев 63/3

Ҳафтанома ба хотири риояи озодии афкор маводеро низ ба табъ мерасонад, ки хилофи назараш аст. Аз ин рӯ, масъулияти ақидаи муаллифро ба уҳда намегирад.

Ҳафтанома 27 декабри соли 2023 таҳти № 409/рз-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав ба ҳисоб гирифта шудааст.

*Ҳафтанома дар ҶДММ «Мега-принт»-и шаҳри Душанбе чоп шудааст. Адади нашр 3000 нусха*